ТОҶИКИСТОН

№11 (1522)
15.03.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~

БОЗОРИ ОЯНДАИ САЙЁҲӢ

Оё Тоҷикистон чунин зарфият дорад?

В РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКУЮ IT-КОМПАНИЮ MATADOR ТРЕБУЕТСЯ МЕНЕДЖЕР ПО ПРОДАЖАМ

Требования:
- Опыт работы в продажах от 2-х лет;
- Навыки ведения переговоров, составления коммерческих предложений;
- Коммуникабельность, инициативность.

Условия работы:
- Комфортный офис в центре города;
- График работы 5/2 с 9.00 до 18.00;
- Официальное трудоустройство;
- Высокая заработная плата.

Резюме отправлять на **info@matador.tj.**

Matador

МЫ ИЩЕМ ТЕБЯ

БОТУРБЕК ОЛИМОВ:
Як писар доштам, ҷойи даҳ писарро мегирифт с.8

МУҲОҶИРАТ
Тоҷикистон иҷозати кор дар Кореяро мегирад с.2

ҚАЗИЯИ ҲУВАЙДО
Қотили духтари 5-сола 24 сол ҳабс шуд с.4

ДОМУЛЛО ХОМӮШӢ:
Ислом ба Наврӯз мухолифат надорад с.6

АЗ СИККАЗАНӢ ТО РИШХАРӢ
Чанд лаҳзаи ҷолиб аз таърихи Наврӯз с.7

БОҒИ ҲАЙВОНОТ
Ба тамошо меравем ё шашликхӯрӣ?! с.4

ҚОНУНИ ХУШБАХТӢ
Нависанда Адаш Истад онро шарҳ дод с.3

НУРУЛЛО АЛИЕВ:
Ман Ҳабиб не, Нуруллои тоҷикам! с.10

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТУҲФАИ НАВРӮЗИИ ПРЕЗИДЕНТ БА СОКИНОНИ БАДАХШОН

Дар арафаи ҷашни Наврӯз аз номи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон 26 автобуси нави мусофирбар ва ду мошини ёрии таъҷилӣ ба шаҳри Хоруғ расид.

Дар маросими қабули ин туҳфаҳои наврӯзӣ раиси Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон Мирзонабот Алишер Худобердӣ, раиси шаҳри Хоруғ Назарзода Ризо Шодӣ ва дигар намояндагони фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намуданд.

Гуфта мешавад, ки аз автобусҳои тақдимшуда 5 адад барои шаҳри Хоруғ ва 3-тоӣ барои ноҳияҳои вилоят дода шудаанд.

АФЗОИШИ СОДИРОТИ ГАНДУМИ ҚАЗОҚӢ БА ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон дар соли 2022 аз рӯи интиқоли гандуми қазоқӣ дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вориди сегонаи пешсаф шуд.

Тавре як расонаи қазоқӣ навиштааст, сегонаи воридкунандагони гандуми Қазоқистон дар соли 2022 Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон мебошанд.

Аксари содироти Қазоқистон ба кишварҳои ИДМ рост омада, нисбат ба ҳамин давраи порсола 12,1% (4,7 млн тонна) афзудааст.

Ҳаҷми асосии интиқол чунин сурат гирифтааст:

- ба Ӯзбекистон 3 миллион тонна ба маблағи 824,8 миллион доллар;

- ба Тоҷикистон 986,7 ҳазор тонна ба маблағи қариб 310 миллион доллар;

- ба Туркманистон 336,5 ҳазор тонна ба маблағи 125 миллион доллар.

1,7 миллион тоннаи ин маҳсулот ба кишварҳои хориҷи ИДМ фиристода шуда, нисбат ба соли 2021 низ 3,5% зиёд аст.

Бештари содироти берун аз ИДМ ба Афғонистон ба маблағи 194,3 миллион доллар, 686,7 ҳазор тонна рост меояд. Ба сегонаи пешсаф Эрон ва Италия низ шомил будаанд.

ТОҶИКИСТОН ИҶОЗАТИ КОР ДАР КОРЕЯРО МЕГИРАД

Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода бо сафири Ҷумҳурии Корея дар Тоҷикистон Квон Донг Сок масъалаи ворид кардани Тоҷикистон ба системаи иҷозати кор дар Ҷумҳурии Кореяро матраҳ кард. Ҳадаф ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ зимни фаъолияти меҳнатӣ арзёбӣ мегардад.

Ҷонибҳо дар рафти мулоқот масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ, баимзорасонии лоиҳаи Созишномаи байниҳукуматӣ дар хусуси интиқоли қувваи корӣ ба Ҷумҳурии Корея ва механизми татбиқи созишномаҳои баимзорасида байни сохторҳои вазорат ва музофоти Ҷумҳурии Корея ва ҷалби қувваи корӣ аз Тоҷикистон барои корҳои мавсимӣ дар Кореяро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Сафир Квон Донг Сок изҳор намуд, ки омода аст дар баррасӣ ва баимзорасонии лоиҳаи Созишномаи байниҳукуматӣ дар бораи интиқоли қувваи корӣ ба Корея ва воридшавии Тоҷикистон ба системаи иҷозати кор дар Ҷумҳурии Корея мусоидат кунад.

Қаблан вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон гуфта буд, ки тамоми заминаҳои расмиву ҳуқуқии ҳамкории Тоҷикистону Корея дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ фароҳам аст, танҳо мушкил надонистани забон аст.

Суратгир Дидор Саъдуллоев

НАВРӮЗ 8 РӮЗ ИСТИРОҲАТ ОВАРД

Дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз шаҳрвандони Тоҷикистон пайиҳам 8 рӯз истироҳат хоҳанд кард.

Тавре аз Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон хабар доданд, қарор шуд, ки рӯзи кории душанбе - 20-уми март ба рӯзи шанбе - 18-уми март гузаронида шавад.

Аз ин рӯ, 18-уми март рӯзи корӣ эълон шуда, аз 19 то 26-уми март ба муносибати ҷашни Наврӯз рӯзҳои истироҳат эълон карда мешаванд. Ҳафтаи нави корӣ 27-уми март оғоз мегардад.

Ҳамин тариқ, дар ҷашни Наврӯз мардуми кишвар 8 рӯз пайиҳам - 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25 ва 26-уми март истироҳат доранд.

Хонандагони мактабҳои миёна низ аз 20 то 26-уми март ба таътил мебароянд ва 27-уми март оғози дарсҳо аст.

САРИ САБЗ

Абдумалик ҚОДИРОВ, котиби генералии Медиа-Алянси Тоҷикистон

- Ҳамаи пешниҳодҳову гуфтаҳо ба назар гирифта мешаванд, вале ислоҳу татбиқашон як кори тӯлонӣ аст, ки на фақат фурсат, балки якдиливу дастҷамъии хабарнигорон, котибони матбуотӣ, намояндагони мақомоту вазоратхонаҳоро мехоҳад.

- Ҳо, рост мегӯед, аз назар дур намемонанд, вале то якдилӣ пайдо мешавад, боз чандин пешниҳоду гуфтаҳои дигар ба миён меоянд. Яъне, "бузак, намур, баҳор мерӯяд...".

Давлатҷон ҒАФФОРЗОДА, мудири маорифи шаҳри Кӯлоб

- Бо дарназардошти рафту омад, ба нафақа баромадан ва ҷойивазкунӣ дар муассисаҳои таълимӣ шумораи омӯзгорон имсол тағйир ёфта, нисбати соли хониши гузашта 156 нафар кам шуд.

- Ҳмммм, чунон дипломатӣ сухан гуфтаед, ки майнаи одам дар таҳлили теъдод гиҷ мешавад. Сабаби асосии кам шудани омӯзгорон чӣ бошад: рафтан, омадан, нафақа ё ҷойивазкунӣ?

Носирҷон КАРИМОВ, дандонпизишки тоҷики муқими Русия

- Имрӯз ба мо мизоҷоне мурочиат мекунанд, ки аз сиҳат шудани дандони худ ноумед шудаанд. Бояд гуфт, ки барои таъмини хандаи зебо дандонҳои солим хеле муҳиманд. Аҳамияти кори мо низ ин аст, ки ба дигарон хандаи зеборо ҳадя кунем.

- Бале, вале на танҳо барои хандаи зебо, балки барои иштирок дар ошҳои наҳор ҳам дандонҳои солим хеле зиёд ба кор мераванд...

БОЗОРИ ОЯНДАИ САЙЁҲҲӢ

Оё Тоҷикистон чунин зарфият дорад?

Русия пас аз сард шудани муносибатҳояш бо аксари кишварҳои Ғарб нияти дорад Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистонро ба бозори нави сайёҳӣ табдил диҳад. Дар конфронси нуҳуми ҳамкориҳои байниминтақавии Русия ва Тоҷикистон коршиносон ва мақомдорони рус бештар аз тавсеаи соҳаи сайёҳӣ миёни ду кишвар ҳарф заданд. Вале ин ҷо суоле сар мезанад, ки оё Тоҷикистон имконияти забт кардани ин бозорро дорад?

Ҳамкорӣ бо русҳо ва ӯзбекҳо

Директори иҷроияи Анҷумани ширкатҳои сайёҳии Русия Майя Ломидзе дар конфронси нуҳуми ҳамкориҳои байниминтақавии ду кишвар гуфт, ки барои амалӣ намудани имконоти сайёҳӣ ба Тоҷикистон сармоягузор лозим аст.

Ба гуфтаи вай, табиати афсонавӣ ва мероси нодири фарҳангиву таърихии кишвар "мисли алмосест, ки дар олам назир надорад".

Ӯ аз он изҳори нигаронӣ кард, ки Тоҷикистон дар самти сайёҳӣ кам таблиғот мебарад ва боигариву дастовардҳои таърихиву табииро ба таври шоиста муаррифӣ намекунад.

Ба гуфтаи мавсуф, пеш аз ҳама барои рушди сайёҳӣ дар кишвар ҷалби сармоягузорон зарур аст. Вале ба ақидаи ӯ имконоти мавҷуда низ барои ҷалби сайёҳон кифоя аст.

Ломидзе пешниҳод мекунад, ки ширкатҳои сайёҳии маҳаллӣ бояд дар бораи тавсеаи ҳамкорӣ бо ҳамтоёни ӯзбек ва рус фикр кунанд ва дар бораи ташкили турҳои муштарак андешанд.

"Барои таҳияи барномаву лоиҳаҳои афсонавӣ ҳама имконот вуҷуд дорад",- таъкид кард ӯ.

Кашфи дувуми Тоҷикистон

Русия интизор дорад, ки табодули сайёҳон бо Тоҷикистонро ба таври ҷиддӣ афзоиш диҳад. Дар ин бора вазири рушди иқтисоди Русия Дмитрий Волвач, ки барои баргузории конфронси нуҳуми ҳамкориҳои байниминтақавии ду кишвар ба Душанбе омада буд, зикр кард.

Тавре сиёсатмадор қайд кард, рушди соҳаи сайёҳӣ бояд яке аз самтҳои асосии ҳамкориҳои ду кишвар гардад.

"Ҳама хуб медонанд, Помир, куҳҳои Фон, ин барои онҳое, ки аз замони ҳукумати Шӯравӣ ба сайёҳии кӯҳӣ машғул буданд ва ё дӯст медоранд, афсона аст. Умедворам, ки мо метавонем муҳодилаи сайёҳиро дубора эҳё кунем ва ба таври ҷиддӣ афзоиш диҳем",- таъкид кард ӯ.

Ба гуфтаи Волвач, "кашфиёти дувум"-и Тоҷикистон барои сайёҳони рус дурнамои хуберо ваъда медиҳад.

Бозор тӯлонӣ холӣ буда наметавонад

Вазири рушди иқтисоди Русия Максим Решетников пас аз имзои харитаи роҳ дар бораи рушди сайёҳӣ бо раиси Кумитаи рушди сайёҳии ҷумҳурӣ Камолиддин Муъминзод гуфт: "Мо дарк мекунем, ки Тоҷикистон чӣ кишвар аст. Пеш аз ҳама, ин сайёҳии экстремалӣ аст. Таваҷҷуҳи зиёд дорад, русҳо маҳз ба ҳимин хотир меоянд. Ин куҳнавардҳо, одамони экстремал ва ғайра ҳастанд. Мо бояд барои ин заминаи қонунӣ эҷод кунем, зеро барои ворид шудан ба ВМКБ имрӯз иҷозат лозим аст. Мо бояд кори муътадили мутақобиларо ба роҳ монем".

Решетников таъкид кард, ки зарфияти Тоҷикистон сармоягузорони русро низ ба ин кишвар ҷалб мекунад.

"Сармоягузорони рус ба бозори Тоҷикистон таваҷҷуҳ доранд. Муҳим он аст, ки сармоягузорон вориди бозор шаванд, зеро бозор муддати тӯлонӣ холӣ буда наметавонад",- гуфт ӯ.

Акнун Тоҷикистонро мебояд ин бозорро аз худ карда тавонад, зеро феълан чунин имконият фароҳам омадааст. Шояд барои соҳаи туризми кишвар дигар чунин имконият нашавад...

Диловар ҚОДИРПУР,
журналист

Мавқеъ

Адаш ИСТАД,
нависанда

ҚОНУНИ ХУШБАХТӢ

Ҳар боре, ки оид ба Қонуни Янте навиштан мехоҳам, пеши назарам як анҷумани Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳангоми пошхӯрии СССР меояд. Дар он анҷуман, ки Аскар Ҳакимро раис интихоб карда буданд, камина ба қавли Додохони Эгамзод даҳ бор аз минбар суханронӣ кардаам.

Дар ин суханрониҳо таъкид бар он доштаам, ки дар як кишвари скандинавӣ, ки аҳолиаш баробар ба Тоҷикистон аст, ба адиб моҳона, яъне нафақа медодаанд, ки адиб барои таъмини рӯзгори худ ба корҳои иловагӣ машғул нашаваду танҳо ба манфиати миллат хизмат кунад. Дар он анҷуман ягон нависанда маро тарафдорӣ накард. Ба ин сабаб бисёр солҳо боз меандешам, ки оид ба қонуни хушбахтии скандинавӣ, ки Қонуни Янте ном дорад, нависам ё нанависам.

Қонуни Янте эҷоди нависандаи Дания ва Норвегия Аксел Сандемус аст, ки ин қонунро дар романи "Гуреза ба изи пояш бармегардад" соли 1933 нашр кардааст. Шаҳри Янте бофтаи хаёлии ин нависанда аст. Ба мисли "Сармаддеҳ"-и Баҳманёр.

Дар ин шаҳр баробарии иҷтимоӣ ҳукмфармост.

ҚОНУНИ ЯНТЕ:

1. Маяндеш, ки ту махсусӣ.

2. Маяндеш, ки ту бо мо баробарӣ.

3. Маяндеш, ки ту аз мо донотарӣ.

4. Тасаввур накун, ки аз мо беҳтарӣ.

5. Фикр накун, ки аз мо зиёдтар медонӣ.

6. Маяндеш, ки ту аз мо муҳимтарӣ.

7. Фикр накун, ки ту ҳама корро метавонӣ.

8. Ту набояд ба мо ришханд кунӣ.

9. Фикр накун, ки касе ба ту эътибор медиҳад.

10. Маяндеш, ки ту ба мо панде дода метавонӣ.

Ёздаҳумашро низ аз роман пайдо кардаанд:

11. Мумкин аст, ки мо оид ба ту баъзе чизҳоро медонем?

Давлатҳои скандинавӣ дар рейтинги хушбахтӣ дар ҷаҳон дар мақоми баландтарин қарор доранд.

(Давомаш дар саҳ.6)

Бонкдорӣ

БЕШ АЗ 1 МЛРД: ФОИДАИ БОНКҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2022

Даромади бонкҳои Тоҷикистон дар як соли охир ёздаҳ дарсад афзуда, ба зиёда аз 1 миллиард сомонӣ расидааст.

Дар ин бора сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон хабар медиҳад.

Ба иттилои манбаъ, "Душанбе Сити Бонк" соли гузашта ҳудуди 150 миллион сомонӣ фоида гирифтааст.

"Ориёнбонк" бошад, дар соли гузашта беш аз 98 миллион сомонӣ фоидаи соф гирифтааст, ки дар муқоиса ба соли 2021-ум 30 миллион сомонӣ камтар аст.

"Бонки байналмилалии Тоҷикистон" даромадашро дар соли гузашта 92,5 миллион сомонӣ ҳисоб кардааст.

"Коммерсбонки Тоҷикистон" гуфтааст, ки дар соли гузашта беш аз 43 миллион сомонӣ суд бардошт.

"Спитамен Бонк" ба Бонки миллии Тоҷикистон фоидаи софашро дар соли гузашта зиёда аз 27 миллион сомонӣ гузориш дод.

Фоидаи софи "Эсхата" ба зиёда аз 317 миллион сомонӣ расидааст. Ин нишондоди баландтарин дар миёни бонкҳои ҷумҳурӣ аст.

Фоидаи солонаи "Аввалин бонки молиявии хурд" беш аз 39 миллион сомониро ташкил додааст.

"Алифбонк" фоидаи софашро ба 42,6 миллион сомонӣ расонидааст.

Ягона бонке, ки соли гузашта бо тақрибан 1 миллион сомонӣ зиён корашро поён дод, "Халиқ Бонк Тоҷикистон" будааст.

Дар Тоҷикистон 15 бонк фаъол аст. Ба иттилои Бонки миллӣ, 20 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 26 фонди қарзии хурд низ ҳастанд.

www.pressa.tj

▸▸ *Қазия*

АНҶОМИ ҚАЗИЯИ ҲУВАЙДО

Сёмин 24 сол аз озодӣ маҳрум шуд

Додгоҳи вилояти Маскав 15-уми март Александр Сёмин, шахси муттаҳам ба таҷовуз ва қатли Ҳувайдо Тиллозода, духтари 5-солаи тоҷикро 24 сол аз озодӣ маҳрум намуд.

Ёдовар мешавем, ки Ҳувайдо Тиллозода рӯзи 22-юми июли соли 2018 аз майдончаи назди хонаашон дар шаҳри Серпухово нопадид шуд ва як рӯз пас ҷасади ӯро дар борхалтаи варзишӣ пайдо карданд.

Дар ин ҳодиса Александр Сёмин муттаҳам шуд, ки дар ҳамсоягии онҳо мезист. Ташхиси судиву тиббӣ нишон дод, ки нахуст ба номуси ӯ таҷовуз шуда, сипас духтарча бо корд кушта шудааст.

Ҳодисаи қатлу таҷовузи Ҳувайдои 5-сола яке аз ҳодисаҳои пурсарусадо дар Тоҷикистон ва расонаҳову шабакаҳои иҷтимоӣ буд, аммо ба далоили хурду реза кашол ёфтани он нигарониҳо дар мавриди таъмини адолатро ба бор овард.

Ахиран, имрӯз, 15-уми март аз ҷониби Додгоҳи шаҳри Маскав ҳукм содир шуд. Абдусалом Саидов, падари Ҳувайдулло Тиллозода ба “Азия-Плюс” гуфт, ки “Додгоҳи шаҳри Маскав Александр Сёминро қотил ва таҷовузгар эътироф намуда, ба 24 соли зиндон маҳкум намуд”.

Абдусалом Саидов, падари Ҳувайдулло Тиллозода гуфтааст: “Қотили фарзандам имрӯз ҷазои сазовор гирифт, зеро тамоми Тоҷикистон бо мо буд. Панҷ сол ин рӯзро интизор будем. Акнун рӯҳи духтарам шод аст”.

Нигина Тиллозода, модари Ҳувайдо низ гуфтааст, ки “дуояшро Худо шунид ва рӯҳи фарзандаш акнун ором аст”.

▸▸ *Пешниҳод*

ПАТЕНТ БАРОИ 3 СОЛ

Мақомоти Русия пешниҳоди Титовро қабул мекунад?

- ВКД Русия бо пешниҳоди ваколатдори назди президенти Русия оид ба масоили ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон Борис Титов дар мавриди дароз кардани муҳлати амали патенти корӣ барои муҳоҷирон то 3 сол розӣ шуд,- хабар медиҳад "Интерфакс".

Вазорати корҳои дохилӣ омода аст, ки муҳлати додани патентро аз 10 то 5 рӯз кам карда, ҳамзамон бо риояи тамоми талаботи зарурӣ дар доираи назорати муҳоҷират муҳлати амали онро зиёд намояд.

Қаблан Титов ба ҳукумат ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонуни федералӣ аз 25-уми июли соли 2002 №115-ФЗ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Федератсияи Русия» пешниҳод намуд, ки дар он зиёд кардани муҳлати ҳади ниҳоии амали патенти корӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ аз 12 то 36 моҳ пешбинӣ гардидааст.

«Бо вуҷуди аз 10 рӯз зиёд набудани муҳлати қонунии баррасии ариза барои гирифтани патент, муҳоҷирон боз 20 рӯзи дигарро барои ҷамъоварӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳои зарурӣ сарф мекунанд. Дар натиҷа коргарони хориҷӣ ҳар сол як моҳ аз фаъолияти иқтисодӣ берун монда, соҳибкорон аз бекористии онҳо зиён мебинанд ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба бучет камтар ворид мешавад. То се сол дароз кардани муҳлати амали патент имкон медиҳад, ки дар шароити норасоии қувваи корӣ ин қадар вақти зиёдро беҳуда аз даст надиҳем»,- изҳор доштааст Титов.

Ғайр аз ин, ваколатдор ҳамчунин ҷорисозии механизми дубора ба кор даъват намудани коргарони хориҷиро, ки вурудашон ба Русия ба муҳлати аз 3 то 5 сол манъ шудааст, пешниҳод кардааст.

▸▸ *Хушхабар*

“АНДАРХОН”

Бозори байнисарҳадии Тоҷикистону Ӯзбекистон

Дар марзи Тоҷикистону Ӯзбекистон ба сохтмони бозори байнисарҳадии “Андархон” санги асос гузошта шуд. Ин бозор барои рушди тиҷорати минбаъдаи ду кишвар замина мегузорад ва тоҷирони тоҷику ӯзбек маҳсулоти худро ба осонӣ хариду фурӯш мекунанд.

Музаффар Юнусов - сухангӯи раиси вилояти Суғд мегӯяд ин бозор аз ҷониби Ӯзбекистон дар марзи ду кишвар бунёд мешавад ва маблағи сохтмони он 8 млн доллар мебошад.

“Бозори байнисарҳадии “Андархон” дар масоҳати 5 гектар бунёд гардида, дар он 200 дӯкони савдо, бонк, ошхона ва қаҳвахона, меҳмонхона, маркази логистикӣ ҷойгир карда хоҳад шуд”,- гуфт ӯ.

Юнусов афзуд, ки бо фаъол шудани марказ дар он маҳсулоти дар корхонаҳои ду вилоят истеҳсолшаванда ба фурӯш бароварда мешаванд.

▸▸ *Нигаронӣ*

БОҒИ ҲАЙВОНОТ ДАР ДУШАНБЕ

ба тамошо меравем ё шашликхӯрӣ?

Гулнисо аз ноҳияи Ховалинг ба Душанбе омадааст. Ӯро дар баробари тамошои гулгаштҳои зебо, маконҳои истироҳатию фароғатӣ, дидани Боғи ҳайвоноти Душанбе ҷалб намуд. Ӯ мегӯяд, ки рӯзҳои истироҳат хостааст бо фарзандонаш ба Боғи ҳайвонот тамошо оянд. Аммо аз ин омадан изҳори пушаймонӣ дорад.

- Хоҳиши фарзандонро нахостам ба замин гузорам. Омадем, аммо ягон шароит инҷо нест: бӯйи бад, ҳарҷо партовҳо, бӯйи дуди ғализи сари ҳар қадами шашликпазҳо. Боз дар ҳамин гуна шароит мардум хӯрок истеъмол мекунанд. Ачиб...,- изҳори нигаронӣ мекунад ин меҳмони шаҳр.

Оё воқеан ҳам чунин аст? Чанд рӯз пеш ҳамроҳи наворбардори Pressa.tj ба Боғи ҳайвоноти шаҳри Душанбе омадем. Боғеро, ки таърихи беш аз 60-солаи фаъолият дорад, як макони харобазор дарёфтем. Ҳоло ин ягона боғи ҳайвонот дар қаламрави Тоҷикистон мебошад, ки дар маркази шаҳри Душанбе ҷой гирифтааст. Ҳамарӯза садҳо меҳмонон ва ҳатто сайёҳон вориди шаҳри Душанбе мешаванд. Онҳо мехоҳанд, ки аз боғи ҳайвонот низ дидан намоянд. Рӯзе, ки мо ба ин боғ омадем, сафи меҳмонон низ кам набуд. Бархе зери лаб аз шароити бади хизматрасонӣ дар ин боғ шикоят доштанд. Аммо дар суҳбати рӯ ба рӯ бо микрофон изҳори ақида намекарданд. Онҳо мегӯянд, ки беҳтар мешуд, ин боғ ба ягон ҷои васеъ кӯчонида шавад ва ба ин восита хизматрасонӣ беҳтар гардад. Вагарна, ин боғ бо чунин шароиташ ба имиҷи шаҳри Душанбе таъсир мерасонад. Ачиб, магар ин боғ роҳбар надорад?

Воқеан, масъалаи ба макони дигар кӯчонидани Боғи ҳайвонот қариб 10 сол боз бенатиҷа мондааст. Соли 2020 шаҳрдори пойтахт дар бораи ба ҷойи дигар кӯчонидани Боғи ҳайвонот қарор қабул кардааст. Аммо аз чӣ бошад, ки ин дастур бенатиҷа мондааст. Шояд пас аз чопи ин мавод масъулин инро шарҳ медиҳанд?

Арзиши даромадан ба Боғи ҳайвонот 3 сомонӣ муқаррар шудааст. Боз инҷо садҳо нафар ҷойро иҷора гирифтаву ба маъмурияти боғ маблағ пардохт мекунанд. Магар бо ин маблағҳо наметавон ақаллан дар рӯзҳои ҷашн шароити беҳдошт ва тозагиро андаке риоя кард?

Вақте вориди Боғи ҳайвонот мешавед, аз он ягон нишоне боқӣ намонда, танҳо садои бозиҳои кӯдакона ва дуди ғализи хӯрокҳо ба осмон мерасад. Шароит ва нигоҳубини ҳайвонот ҳам ба талабот ҷавобгӯ нест. Баъзе қафасҳои нигоҳдории ҳайвонҳо холиянд. Шумораи атраксионҳо дар Боғи ҳайвонот зиёд шудааст. Охир, мардум барои тамошои ҳайвонҳо меоянд-ку! Ё танҳо ба хотири нишастан ба атраксиону шашликхӯрӣ?

Интизори вокуниши масъулини ин боғ ҳастем!

Уғулой ҚУТБИДДИНЗОДА

P.S.

Видео аз шароити Боғи ҳайвонот дар ютубканали Pressa.tj

▸▸ *Созандагӣ*

АЗ МАКТАБ ТО РОҲҲОИ НАВ

Қаноатмандии Президент аз фаъолияти шаҳрдорӣ

Оғози ҳафтаи равон Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар ифтитоҳи чанд бинои нав, аз ҷумла Раёсати дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, муассисаи таҳсилоти умумии ғайридавлатии "Мактаби ҷаҳон", литсейи равияи табиию риёзии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, нозироти андоз дар ноҳияи Сино иштирок карданд.

Ҳамчунин, барои оғози навсозии роҳ аз хиёбони Саъдӣ Шерозӣ то даромадгоҳи ноҳияи Рӯдакӣ санги асос гузошта шуд.

Муассисаи таҳсилоти умумии ғайридавлатии "Мактаби ҷаҳон" бо кӯдакистон барои 560 нафар ва литсейи равияи табиию риёзии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои 1280 нафар хонанда пешбинӣ шудааст.

Зимни ифтитоҳи бинои нави маъмурии нозироти андоз дар ноҳияи Сино ва шиносоӣ бо шароити корӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарият ва кормандон чиҳати боз ҳам беҳтару хубтар ба роҳ мондани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дастуру маслиҳатҳои муфид додааст.

Навсозии роҳ аз хиёбони Саъдии Шерозӣ то даромадгоҳи ноҳияи Рӯдакӣ дар асоси нақшаи генералии шаҳри Душанбе сурат мегирад. Гуфта мешавад, ки барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт, дучарха ва пиёдагардон мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ шароит фароҳам хоҳад омад. Дарозии роҳ 6,6 километр ва аз ду самт барои воситаҳои нақлиёт 8 хати ҳаракат сохта мешавад. Дар қисматҳои алоҳидаи роҳ ду хати алоҳидаи дигар барои нақлиёти ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон, дар оянда 5 роҳи дусатҳа мутобиқ ба талаботи ҷаҳонӣ сохта мешавад. Роҳҳои дусатҳа дар буриши кӯчаи Соҳилӣ бо Ҷанубӣ бо сохтани пул дар болои дарёи Душанбе, дар буриши кӯчаи Абдураҳмони Ҷомӣ бо кӯчаи Қаҳҳоров, дар буриши кӯчаи Абай бо Қаҳҳоров, дар буриши хиёбони Саъдии Шерозӣ бо Ҳофизи Шерозӣ ва гузаргоҳи дусатҳа бо пул дар буриши кӯчаи Ҳабибулло Назаров бо Муродуллоҳ Шерализода сохта ба истифода дода мешаванд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ аз иқдомҳои раиси шаҳри Душанбе дар самти бунёди роҳу пул ва гузаргоҳҳои замонавӣ коргарону мутахассисонро барои иҷрои саривақтию босифати корҳо вазифадор намуд. Президенти мамлакат таваҷҷуҳи коргарону мутахассисонро ба иҷрои босифати корҳо ҷалб намуда, супориш додааст, ки роҳ дар муҳлати 2,5 сол мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ сохта ба истифода дода шавад.

▸▸ *Форум*

ФОРУМИ РЕКТОРҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ЎЗБЕКИСТОН

Иқдоми аввалине, ки дар Душанбе роҳандозӣ шуд

Рӯзҳои 13-15-уми марти соли равон дар заминаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Форуми ректорони донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баргузор гардид. Ҳайати ректорони муассисаҳои олии Ӯзбекистонро вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияи ин кишвар Иброҳим Абдураҳмонов ҳамроҳӣ дошт.

Дар ҷараёни форум вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Иброҳим Абдураҳмонов, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Эргаш Шоисматов ва роҳбарони сохторҳои илмию таълимии ду кишвар иштирок доштанд.

Пас аз суханронихои расмӣ дар форум миёни муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар беш аз сӣ созишномаи нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд. Созишномаҳо дар робита ба самтҳои гуногуни соҳаи таҳсилоти олии кишварҳо омода гардида, дар самти омӯзиши таҷрибаи пешқадам, таҳияи барномаҳои муштарак, табодули устодону донишҷӯён ва анҷом додани корҳои таҳқиқотӣ заминаи мусоид мегузоранд.

Бояд гуфт, ки то имрӯз миёни муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар наздик ба 70 созишнома ва ёддоштҳо оид ба ҳамкорӣ ба имзо расидаанд.

Ин аввалин вохӯрии дастаҷамъонаи ректорони донишгоҳҳои ду кишвар мебошад, ки метавонад барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяни стратегӣ мусоидат намояд.

Т. ИҲРОМОВ

▸▸ *Мусобиқаи наврӯзӣ*

$ 20 000 БАРОИ ҶОМИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

19-уми март, соати 11:00 дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе мусобиқаи 4-уми байналмилалӣ оид ба гӯштини миллӣ баргузор мегардад.

Ин мусобиқа бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯз барои дарёфти Ҷоми Раиси шаҳри Душанбе сурат мегирад.

Дар мусобиқа барои ғолиби ҷойи якум 10 000 доллар, ҷойи дуюм 7 000 доллар, ҷойҳои сеюм 3 000 доллар муқаррар гардидааст. Интизор меравад, ки дар мусобиқа варзишгарони 25 давлати дунё иштирок намоянд. Тоҷикистонро дар ин мусобиқаи байналмилалӣ 30 варзишгари муваффақ муаррифӣ менамоянд.

▸▸ *Ҳушдор*

ҚАТЪИ ИНТИҚОЛИ ГАРМӢ ПЕШ АЗ МУҲЛАТ

Дар назар аст, ки интиқоли гармӣ ба хонаи сокинони шаҳри Душанбе пас аз 1-уми апрел қатъ гардад.

Тибқи нақша интиқоли гармӣ аз 10-уми октябри соли 2022 шуруъ гардида, то 1-уми апрели соли 2023 идома хоҳад кард. Аммо бархе аз сокинони пойтахт иддао доранд, ки аллакай чанд

рӯз пеш интиқоли гармӣ дар хонаҳояшон қатъ гардидааст.

Мутаассифона, имсол низоми гармидиҳии шаҳри Душанбе бо сард омадани ҳаво бо мушкил дучор шуд. Бинобар сардиҳои шадид дар моҳи декабр кори низоми гармидиҳӣ андак заиф шуд. Сокинони пойтахт бошанд, аз вазъи низоми гармидиҳӣ нигаронӣ намуда, аз хонаҳои сардашон пайваста шикоят мекарданд.

▸▸ *Тозатаъин*

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР НОҲИЯИ СИНО

Ситора Сафарализода муовини раиси ноҳияи Сино шаҳри Душанбе таъин гардид.

Ӯ чандин сол дар Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дар вазифаҳои гуногун фаъолият намудааст.

Номбурда то таъин шудан ба вазифаи муовини раиси ноҳияи Сино директори филиали Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе" буд.

▸▸ *Ин аҷиб аст*

ХУРДТАРИН НУСХАИ ҚУРЪОН

Як қисми муҳими коллексияи мероси хаттии Осорхонаи миллии Тоҷикистонро нусхаҳои гуногуни дастнавис ва чопи сангии Қуръони карим ташкил медиҳад, ки онҳо аз лиҳози таърихӣ, ҳунарӣ ва китоборӣ арзиши баланд доранд.

Дар миёни онҳо хурдтарин нусхаи чопи сангии Қуръони карим мавҷуд аст, ки он бо хурдӣ ва зебогии махсусаш диққати ҳазорон тамошобинони дохилӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб намудааст.

Андозаи умумии нусха 2,5×2,00 см буда, матни асосӣ дар дохили мистараи якхата дар ҳаҷми 2,3×1,7 см навишта шудааст. Шумораи варақҳо 108 (216 саҳифа) буда, вазнаш 2,30 гр аст. Фосилаи миёни сатрҳо 0,02 см мебошад. Нусхаи мазкур дар дохили қуттии (ҷузвдон) мураббаъи тиллоранг ҷой дода шудааст, ки он хело ҷолиб ва диққатҷалбкунанда сохта шудааст. Ҳаҷми умумии қуттӣ 3,3×2,5 см ва қутраш 1,3 см буда, 7,10 гр вазн дорад. Атрофи он бо нақшҳои гуногуни ботиву ислимӣ ва қисмати болоияш бо сангҳои гуногуни қимматбаҳо ва нимқимматбаҳо нигориш ёфтааст. Нусхаи мазкур дар аввалҳои асри XX ба табъ расида, он дорои аҳамияти таърихию фарҳангӣ мебошад.

▸▸ *Мероси ниёгон*

СОЛШУМОРИИ ШАМСӢ ВА МАЪНОҲОИ ОН

Омадани фасли баҳор ва ҷашни Наврӯз оғози солшумории миллии тоҷикон ва форсизабонон аст.

Ҳичрати паёмбар Муҳаммад (с.а.в.) соли 622 ба шаҳри Ясриб (Мадинаи Мунаввара) оғози солшумории мусулмонии ҳичрӣ - шамсӣ ва қамарӣ мебошад.

Фарқ миёни солшумории ҳичрии қамарӣ аз шамсӣ дар он аст, ки солшумории шамсӣ аз қамарӣ 11 рӯз зиёдтар аст. Агар пас аз чанд рӯз соли 1402-юми ҳичрии шамсӣ фаро расад, дар солшумории қамарӣ он баробар ба соли 1444-ум аст.

Дар кишварҳои Эрон ва Афғонистон аз солшумории ҳичрии шамсӣ истифода мебаранд.

12 моҳи солшумории ҳичрии шамсиро бо маъноҳояш дар зер меорем:

1. Фарвардин - нерӯи пешравӣ.
2. Урдибиҳишт - ростӣ ва покӣ.
3. Хурдод - офтоб, хуршед.
4. Тир - ситораи борон.
5. Мурдод - ҷовидонӣ.
6. Шаҳривар - шаҳриёри нерӯманд.
7. Меҳр - дӯстӣ ва паймон.
8. Оббон - обҳо.
9. Озар - оташ, фурӯғ.
10. Дей - офаридгор.
11. Баҳман - андешаи нек.
12. Исфанд

▸▸ *Бурд*

ТОҶИК ДАР ЛОТОРЕЯ МОШИНИ “LAMBORGHINI” БУРД КАРД

Як ҷавони 18-солаи тоҷик аз лотереяи интернетӣ мошини арзишаш 30 миллион рублро бурд кард.

Корбари ҷавони 18-солаи тоҷик бо номи Умедҷон (дар Instagram бо нишонаи umedjon.47 саҳифа дорад) соҳиби мошини “Ламборҷини урус” шуд, ки 30 миллион рубл (тақрибан 400 ҳазор доллар) арзиш дорад.

Ин мошинро блогери машҳури озаритабори муқими Русия Ҳусейн Ҳасанов (gusein.gasanov) дар Инстаграм дар доираи як лотерея гузошта буд. Дар бораи Умедҷон маълумот кам аст. Ҳамин қадар маълум аст, ки ӯ мактабхон аст.

▸▸ *Мушоҳида*

ГУФТАНИ ҲАҚ ГУНОҲ АСТ?

Дар мағозае барои пардохти харид навбат мепоидам. Фурӯшанда пас аз ҳисобу китоб аз калкуляторааш сар бардошта, ба харидор гуфт: "Аз они шумо 130 сомонӣ шуд".

Аз қафои он харидор кӯдаке, ки низ дар навбат меистод, садо баланд кард: хато ҳисоб кардед, аз они ин хола 122 сомонӣ мешавад!

Фурӯшанда дубора ба ҳисобкунаки электронӣ рӯовард ва ин дафъа дар экрани он воқеан 122 сомонӣ ҳосил шуд. Вай чизе нагуфта, бақияро баргардонида, он занро аз мағозааш гусел кард. Аммо, он писараки ҳушманд ба хазина наздик шуду ба бало монд. Ҳама "сифат"-ҳояшро фурӯшанда бо забони омехтаи русиву тоҷикӣ бо ситеза як-як гуфта гузашт: маҳмадоно, густоху дағалу беодоб...

Чанд каси дигар аз харидорон фурӯшандаро ба ҷояш "шинонданд".

Ба худ савол додам: чӣ замонаест, ки ҳақиқатпешагӣ сахттарин гуноҳ аст?!

Бобоҷон ҚУРБОНОВ

▸▸ *Мавқеъ*

ҚОНУНИ ХУШБАХТӢ

(Аввалаш дар саҳ.3)

Бисёр мутафаккирон дар ин ақидаанд, ки дар он кишварҳо таъсири адабиёт ба мафкураи мардум хеле қавӣ буда, дар асоси Қонуни Янтеи Аксел Сандемус шакл гирифтааст.

Дар кишварҳои скандинавӣ автобусҳои китобкаш ҳастанд. Масалан дар Дания, ки аҳолияш ҳамагӣ 5 миллион нафар (нисфи мардуми Тоҷикистон) аст, ба мардум шашсад автобус китоб мекашонад, яъне китобхонаи сайёр гӯем, хато набудагист.

Вақте дар Тоҷикистони шӯравӣ журналист Отахон Латифӣ муовини сарвазир шуданд, мактуб навишта, пешниҳод кардам, ки ақаллан дар дӯконҳои рӯзномафурӯшӣ китобҳои бадеӣ низ фурӯхта шаванд.

Латифӣ посух дода буданд, ки дар шароити имрӯза имкон надорад.

Баъди мушоҳидаи зиёде ба чунин хулоса омадам, ки мо тоҷикон бояд ба ин кишварҳои пешрафта равем ва биёмӯзем, ки чӣ тавр ба адабиётсолорӣ, аниқтараш насрсолорӣ муваффақ шудаанд.

▸▸ *Дин ва ҷомеа*

Домулло Хомӯшӣ:

ИСЛОМ БА НАВРӮЗ МУХОЛИФАТ НАДОРАД!

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ гурӯҳе аз мухолифати дини Ислом ба ҷашни Наврӯз ҳарф мезананд. Гӯё ба далели он ки Наврӯз мероси дини зардуштӣ ё оташпарастӣ аст, Ислом таҷлили онро манъ кардааст. Вале домулло Ҷамолиддин Хомӯшӣ ин ақидаи ифротиро рад мекунад.

- Наврӯз яке аз идҳои миллии мардуми форсу тоҷик аст, ки на камтар аз шаш ҳазор сол умр дорад. Ин ид оғоз аз 18-уми март дар кишварҳои Аҷам таҷлил мешавад. Наврӯз ҷашни шодмонии замин, осмону офтоб ва ҷӯши шукуфтанҳову рустанҳову шӯри зоданҳову эҳё шудани табиат аст. Дар ҳадисҳои Пайғамбар (с) оварда шудааст, ки ҳар чизе, ки аз замин неш зада мебарояд, шукру зикри оллоҳ мекунад, аз ин хотир мо иди Наврӯзро ҷашн мегирем, зеро шумораи зикркунандагони офаридгор дар ин айём ҳазорон-ҳазор меафзояд.

- Бархе иддао доранд, ки ҷашн гирифтани иди Наврӯз барои мардуми мусалмон ҷоиз нест, зеро ислом онро напазируфтааст...?

- Дар мавриди Наврӯз, агар касе бихоҳад назари Ислом бидонад, роҳе ҷуз ин надорад, ки бубинад манобеи исломӣ чӣ мегӯянд. Манобеи исломӣ, яъне Қуръон, суханони Паёмбар (с), саҳобагон. Наврӯз ба назари банда ба унвони як расми миллӣ ҷои мазаммат ва манъ надорад, чаро ки асли Наврӯз ба нишоне аз ойинҳои ботил набуда, балки танҳо иди истиқболи баҳор ва баробаршавии шабу рӯз дар марзу буми мост. Ҳазрати Расули Худо (с) фармудаанд: “Он ки суннати некеро поягузорӣ кунад ва бад-он амал намояд, барои ӯ подоши амали худаш ба иловаи монанди подоши дигар амалкунандагон (ба он суннат) хоҳад буд, бидуни он ки аз подоши амалкунандагон кам шавад. Ва он касе, ки суннати бадеро поя гузорад ва бад-он амал шавад, ваболи амали худаш ва дигарон бар уҳдаи ӯст, бидуни он ки аз визру ваболи дигарон коста шавад” (Ибни Моҷа).

- Иди Наврӯз ба идҳои мусулмонӣ ягон алоқамандӣ дорад?

- Наврӯз як ҷузъи фарҳанги мост ва идҳои Қурбону Фитр ҷузъҳои дигар. Ҳар кадом ба ҷои худ аст. Мо, тоҷикон тӯли 1400 сол аст, ки аз дини мубини Ислом пайравӣ мекунем ва баъзе суннатҳои исломро ба Наврӯз ва суннатҳои қадимаи миллиро ба дини Ислом ворид кардаем. Рӯзи идҳои Қурбону Рамазон тифлон хона ба хона мегарданду калонсолон барои онҳо туҳфа ё тухм медиҳанд, дар иди Наврӯз низ чунин аст. Бархе гумон доранд, ки мо ин анъанаро аз дини ислом омӯхтаем, вале чунин нест. Мардуми мусулмон ин суннатро аз Наврӯз гирифтаанд. Дар Наврӯз ояи Қуръон мехонанд ва вақте ки деҳқон ба киштукор шуруъ мекунад, аз пирон дуо мегирад. Ин аз дини Ислом гирифта шудааст. Хулоса, Наврӯз як ҷузъи фарҳанги миллии мост ва бо идҳои мусалмонӣ ҳеҷ ихтилоф надорад.

- Муносибати паёмбар ба иди Наврӯз чӣ гуна буд?

- Ривояте ҳаст дар таъйиди Наврӯз: Овардаанд, ки дар Наврӯз ҷоме пур аз ҳалво барои Пайғамбар (с) ҳадя оварданд. Он ҳазрат ҳайрон шуда, пурсид: «Ин чист?». Гуфтанд: “Имрӯз рӯзи Наврӯз аст”. Пурсид: “Наврӯз чист?”. Гуфтанд: “Иди бузурги эрониён аст”. Фармуд: “Оре, дар ин рӯз буд, ки Худованд Аскарароро зинда кард”. Пурсиданд: “Аскара чист?”. Фармуд: “Аскара, ҳазорон мардуме буданд, ки аз тарси марг тарки диёр карда, сар ба биёбон ниҳоданд ва Худованд ба онон фармуд, ки бимиред. Мурданд. Пас ононро зинда кард ва абрҳоро амр фармуд, ки бар онон биборанд. Аз ин рӯст, ки суннати об пошидан (дар Наврӯз) ривоҷ ёфтааст”. Он гоҳ аз ҳалво тановул кард ва ҷомро миёни асҳоб қисмат кард ва фармуд: “Кош ҳар рӯз барои мо Наврӯз буд”.

Мусоҳиб: М. ДАВЛАТ

АЗ СИККАЗАНӢ ТО РИШХАРӢ

Чанд лаҳзаи ҷолиб аз таърихи Наврӯз

Доир ба асотири пайдоиши Наврӯз хонандагони арҷманд маълумоти кофӣ дар даст доранд. Аммо на ҳама кас доир ба воқеа ва ҳодисаҳои таърихӣ, ки ба Наврӯзу одатҳои он марбутанд, маълумоти кофӣ доранд. Дар зер бо истифода аз сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ чанд воқеаро нақл мекунем.

Кӯшиши бебарори Халифа

Дар замони хилофати Аббосиён, соли 282 ҳичрӣ / 895 мелодӣ халифаи араб Муътазид хост, ки номи ҷашни Наврӯзро дигар кунад. Онро на Наврӯзи эронӣ, балки Наврӯзи муътазидӣ номанд. Ҳамчунин санаи баргузор гаштани онро на дар якуми моҳи фарвардин, балки дар санаи ёздаҳуми моҳи ҳазирон қайд кунанд. Барои амалӣ гаштани ин кор вай супориш медиҳад, ки ба тамоми қаламрави кишвар мактуб фиристонанд ва номи Наврӯз ба номи халифа пайваст гардад ва он дар моҳи ҳазирон, ки ба моҳи июн рост меояд, ҷашн гирифта шавад. Ин воқеаро дар китоби «ал-Комил» Иззудин Алӣ ибни Асир (ч. 18, с. 301) нақл кардааст. Муаллиф эълон гаштани чунин тадбирро ба хотири осон кардани супоридани хироҷ - як навъ андоз аз ҳосили рӯёнида номидааст. Он замон мардум баробари фарорасии Наврӯз хироҷ месупоридаанд. Наврӯзи муътазидӣ дер давом накард ва он ба зудӣ аз байн рафт. Мардум боз Наврӯзро дар оғози моҳи фарвардин - ҳамал ҷашн мегирифтанд.

Ҳадяҳои наврӯзӣ

Дар ҷашни Наврӯз ба ҳокимону амалдорон ҳадя фиристодани зердастон кори маъмулӣ будааст. Чун ҳудуди кунунии Осиёи Миёна ва сарзамини Эронро арабҳо забт мекунанд ва амирони онҳо фармонравои ин минтақа мегарданд, ҳадяҳои ҷашни Наврӯз ва Меҳргонро аз мардум қабул мекарданд. Гоҳо ҳокимони чашмгуруснаву ҳарис бо сӯйистифода аз мансаби худ дар ситонидани ҳадяҳо ба зиёдаравӣ роҳ медоданд.

Яке аз хулафои араб - Умар ибни Абдулазиз, ки дар таърих бо адолати худ ном баровардааст, дар як мактубаш ба Уқба ибни Заръаи Тоӣ, ки масъули ҷамъоварии хироҷ буд, супориш додааст, ки ҳадяҳои Наврӯзу Меҳргон ва дигар хароҷоти мардумро вазнин накунанд ва маблағҳои аз ҳисоби ҳадяи наврӯзӣ ва амсоли инҳоро ба мардуми фақиру бечора тақсим карда диҳанд. Дар ин бора дар «Таърихи Табарӣ» (ч. 9, с. 3972) маълумот дарҷ гаштааст.

Подшоҳон на танҳо аз зердастон ҳадя мегирифтанд, балки ба онҳо худашон низ ҳадя медоданд. Ҳадяи наврӯзии подшоҳон ба лашкариён зини чинӣ, асп ва дигар аслиҳаи ҷангӣ будааст. Аз хӯрданиҳо ҳалво ва ширинӣ дар Наврӯз ҳадя мегашт.

Подшоҳони Сосонӣ дар ҷашни Наврӯз ва Меҳргон чунин одат доштаанд, ки ҷомаи зимистониашонро дар Наврӯз ба дарбориён ҳадя мекардаанд, яъне бо ҳамин роҳ ба баҳори нав расидани худро нишон медодаанд. Дар ҷашни Меҳргон бошад, либоси тобистоналашонро ҳадя медодаанд.

Сикка дар ҳафтсин аз куҷо пайдо шуд?

Наврӯз дар баробари ҷашн будан лаҳзаи муҳим барои дуруст кардани корҳои давлатдорӣ ва иқтисодии мамлакат низ ба шумор мерафт. Дар замони Сосониён одати наврӯзӣ чунон будааст, ки дар рӯзи нахустини соли нав - Навакрӯз ва ё Наврӯз пулҳои тангаро сикка мезадаанд. Он ҳамчун нишони оғози корҳои нав ба шумор мерафтааст. Имрӯзҳо мебинем, ки дар дастархони ҳафтсини наврӯзӣ сикка ва ё худ тангаро ҳам мегузоранд, ки он одат шояд боқимондаи сикказании замони Сосониён аст.

Бахшоиш дар иди Наврӯз

Одатан, дар ҷашни Наврӯз гуноҳи ҳамдигарро мебахшиданд. Бахусус дар сари дастархони идона бахшоиши гуноҳон ба назар мерасид. Дар кутуби таърих овардаанд, ки дар замони Хусрави Анӯшервон хони бузурги наврӯзӣ густурда буданд. Подшоҳ ҳам дар он ҷо ҳозир буд. Ба назари подшоҳ мерасад, ки як нафар меҳмон ҷоми зарринро ба ҷайбаш меандозад, яъне медуздад. Ғайр аз подшоҳ касе инро надида буд. Хусрав худро тавре вонамуд мекунад, ки ин корро надидааст. Шаробдори подшоҳ пай мебарад, ки як ҷоми тилло гум шудааст, ӯ ба ҳозирон хитобан мегӯяд, ки касе аз ҷашнгоҳ дур наравад, то ки ҷоми гумшударо ёбанд. Хисрав ин ҳолро дида, даст ба бахшоиши гуноҳи меҳмони наврӯзӣ мезанаду мегӯяд: «Он кас, ки ҷомро гирифтааст, боз нахоҳад дод ва он кас, ки дидааст, боз нахоҳад гуфт».

Подшоҳ бо ин кирдораш меҳмонашро аз хиҷолат раҳо кард ва ҷурми дуздии ӯро ба хотири ҷашни Наврӯз бахшид.

Ришхарӣ дар Наврӯз

Яке аз рисолатҳои ҷашни Наврӯз тозагӣ ва зебоипарастӣ аст. Хонатаконӣ, партофтани чизҳои нолозим ва амсоли инҳо ба хотири таъмини тозагӣ амалӣ мегардиданд. Дар таърих ришхарии наврӯзӣ ҳам ҷой доштааст.

Дар замони султон Ҳусайн Мирзо дар Хуросон марде будааст, ки риши ғӯлаи дароз ва ғафс доштааст, ки бино бар навиштаи муаллифи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз он риш ҷӯли шутур сохтан мумкин будааст. Ғафсӣ ва азаммати риши ин мард ба тамоми мамлакат овоза гашта буд. Он мард бо риши азими худ дар дӯкон нишаста, мардумро ба моли дӯконаш ҷалб мекардааст.

Дар фарорасии ҷашни Наврӯз Султон Ҳусайн Мирзо Бойқаро ба амиронаш супориш медодааст, ки риши он мардро харидорӣ кунанд. Баъд аз харидани риш подшоҳ ба нақкошон супориш медодааст, ки он ришро ба мисоли думи товус ранг карда, нақшҳо кашанд ва ороиши хубе созанд.

Шояд ин амали хандаовар ба назар намояд, аммо Султон Ҳусайн Мирзо дар арафаи Наврӯз ҳам марди ришғафсро намеранҷонид, ҳам мардумро аз касифии он риш нақот медод ва ҳам аз риши ӯ чизи тамошобоб омода мекард.

Ислом РАҲИМОВ,
устоди ДДХ ба номи Б.Ғафуров

Ҷаъфар МУҲАММАД,
ш. Тошканд

Таронаи дарё

Хезед, дар таронаи дарё шавем ғарқ,
Дар чеҳраи мушаъшаъи зебо шавем ғарқ.
Аз кулбаи надомати дирӯз дил канем,
Дар мавҷаи шукуфаи фардо шавем ғарқ.
Эй оби оби об! Ба обитарин нигоҳ,
Бар мо назора кун, ки саропо шавем ғарқ!
Дарёпарӣ! Гузашт шаби мо, куҷостӣ?
Рӯё намой, то ба тамошо шавем ғарқ.
Хезед, дар таровати гулшан шавем маҳв,
Дар ҷилваҳои як гули раъно шавем ғарқ.

Нуралӣ НУРЗОД

Дубайтиҳои наврӯзӣ

Биёву гул ба гулдӯзӣ фиристон,
Хитоби оташафрӯзӣ фиристон.
Ба субҳи ид идӣ аз бароям,
Паёмакҳои наврӯзӣ фиристон.

***

Шабе лабрези нури нор бинам,
Саҳар андешаи такрор бинам.
Гуноҳонро ба рӯзи ид шуста,
Дилам наврӯзи истиғфор бинам.

***

Чароғи субҳи Наврӯз аст рӯшан,
Баҳори дашти мақсуд аст гулшан.
Фуруд о, эй фурӯҳар-пайки шодӣ,
Кушода хони идият дили ман.

Илҳом ЭШОНҚУЛОВ,
ш. Тирмиз

Наврӯз мерасад боз

Наврӯз мерасад боз бар остонаи дил,
Бикшо дари муҳаббат, эй ту ягонаи дил!
Сар то ба по мунаққаш, ҳамранги нақши манӣ,
Дорад ҷилои рангин осорхонаи дил.
Хуштарҳу нозанин аст ҳар ҳарфу ҳар ҳиҷояш,
Наврӯзномаҳои сабти таронаи дил.
Дар ҳафт Хони Наврӯз ҳолу ҳавои ишқ аст,
Дар ҳафтсину ҳафшин мӯҳру нишонаи дил.
Дастури навгаронӣ аз шашҳазор сол аст,
Ҳамрангу ҳамнаво бо чангу чағонаи дил.
Сад барги ишқ резад аз равзаи хаёлам,
Дар дафтари замона, чун ошиқонаи дил.

Бузургмеҳри ТОҶИДДИН

Бимон, Наврӯзи ман рӯйи ту бошад,
Нишони бахти ман бӯйи ту бошад.
Биафшон шеър аз мӯят, ки имшаб
Шаби эҷодии мӯйи ту бошад.

***

Бикун бовар, ки рафтам аз ҷаҳонат,
Ба ҳам будем аз қисмат амонат.
Баҳори ман набудӣ ҳеҷ фасле,
Набудам низ фасле ман хазонат.

***

Хазон ҳам дошт қадре пеши ёрон
Ба рӯйи зарди худ чун дӯстдорон.
Зимистон меравад бебарф, аммо
Наояд бе гулу сабза баҳорон!

Ботурбек Олимов:

ЯК ПИСАР ДОШТАМ, ҶОИ ДАҲ ПИСАРРО МЕГИРИФТ

Ин суҳбати аламбору вазнинро бо падари Дамирбек Олимов - Ботурбек Олимов дар мактаби мусиқии шаҳраки Ғончии ноҳияи Деваштич бо ашки шашқатор оростам. Ӯ дар ин дабистони кӯчак роҳбар аст. Вақте онро аз диктофони телефон ба варақ ва аз коғазҳо ба компютер мекӯчонидам, боз гиристам. Ҳамаи ҳақиқат ва зебоиҳои ботиниву зоҳирии Дамирбек дар вожа-вожаи суҳбати падараш ифшо мешавад.

- Рост аст, ки Худованд Дамирбекро ба шумо дер дод?

- Бисёриҳо бар он андешаанд, ки Дамирбек баъди хонадории мо бо модараш (1986) хеле дер таваллуд шудааст, аммо чунин нест. Бештар аз ду сол аз оиладорӣ гузашту ӯ таваллуд ёфт. 20-уми марти соли 1989. Парвардигор дигар фарзанд надод. Ба ҳамин якдона шукр гуфтем.

- Шумо низ дар майдони ҳунар обутоб ёфтаед. Оё тахмин мекардед, ки Дамирбек ҳам ба ҷодаи санъат аз пайи шумо меравад?

- Ҳеҷ гоҳ. Дамирҷон дар дабистон бо баҳои аъло мехонд. Пайи корҳои сахро мегашт ва завқу салиқаи санъаткории ӯ барои ман баъдтар кашф шуд.

- Чӣ гуна кашф шуд?

- Соли 1997 нав аз муҳоҷират, аз Россия омада будаму дар хонаи дар Хуҷанд будаамон базме оростем ба хотири зодрӯзи ман. Ҳама аҳли хонавода, бобои Дамирҷон ва чанд каси азиз, ки имрӯз нестанд, он ҷо ҳузур доштанд. Дамирҷон баландгӯякро гирифту яке аз сурудҳои устод Афзалшоҳ Шодиевро замзама кардан гирифт. Ҳама қарсак зада, «ба падараш рафтааст» гуфтанд. Бо вуҷуди ин, гумон кардам, ки ин ҳама аз рӯи ҳаваси наврасӣ аст.

- Шумо дар муҳоҷират ҳам будед? Мо фикр мекардем, ки ҳамчун сароянда нонатонро аз Ватан ёфта бошед...

- Албатта будам. Ростӣ, барои то ба саҳнаҳои бузург роҳ ёфтани писарам расо 9 сол, аз соли 1997 то 2008 (як сол дар байн нарафтам) дар Россия будам.

Тасаввур кунед, ки сароянда бошиву ҳеҷ асбоби мусиқӣ, ё асбоби барқиву электронӣ бо худ надошта бошӣ, чӣ гуна тӯй мегардӣ, чӣ гуна сурудҳои навро танзим мекуниву такмил медиҳӣ? Барои харидани созҳо ва аппарат пеш аз ҳама барои худам пул даркор буд. Аввал синтезатор харидам. Пештар вақти тӯйгардӣ синтезаторро як бародар менавохт. Баъдан Дамирҷон навохтани онро ёд гирифт ва ман ин асбобро, ки бо он бародар якҷо пул ҷамъ карда харида будем, пурра харидам. Акнун дар тӯйҳо кам-кам писарамро ҳамроҳ мебурдам. Дигар овозхонҳои маҳаллӣ низ ӯро ҳамроҳ мебурданд, то синтезатор навозад.

Синфи 8-ро хатм карда, ба синфи 9 бояд мегузашт. Дамирбек хост дар ягон мактаби санъат таълим гирад. Ӯ мехост сарояндагиро омӯзад, аммо ман гуфтам, ки аввал навохтани ягон асбоби мусиқии миллиро омӯз. Ҳамин тавр, дар бахши анъанавӣ, ҳамчун танбӯрнавоз ӯро ба Коллеҷи санъати ба номи Содирхони Ҳофиз бурдам.

- Мегӯянд, ки дар Ғончӣ, яъне Деваштич ба ҷуз Дамирбек дигар танбӯрӣ нест, рост аст? Пас ӯ кай соҳиби танбӯр шуд?

- Бале. Баъд аз сари ӯ дигар танбӯрӣ надорем. Як сол дар Россия корам барор гирифту барои Дамирҷон танбӯр харидам. Он замон арзиши он 150 доллари амрикоӣ буд. Ҳамин тавр, оҳиста-оҳиста ғижак, асбоби танзими садо, компютер барояш гирифтам. Ҳанӯз дар курси 1 таҳсил дошту аз Хуҷанд омада дар ноҳия базму сури халқро мегузаронд.

- Шумо ҳам гули сари сабади базму маҳфилҳои ноҳияи Ғончӣ будеду соҳиби садои бисёр хуб. Чаро идома надодед?

- То замоне ки Дамирҷон ба саҳнаҳои бузург омаду дар Хуҷанду Душанбе обрӯ ёфт, дар тӯйҳо мегаштам. Баъди ӯ барояш дуо додаму гуфтам: писарам, дигар ҳамаи саҳнаҳо аз туст, ҳама дидаву надидаҳоямро мехоҳам дар ту бубинам.

- Бо Дамирбек як дуэт (ҳамхонӣ) доред: «Вақте падар сарояд, Ҷону ҷигар сарояд...». Таърихи офарида шудани он чӣ гуна аст?

- Дамирҷон ҳеҷ гоҳ ба ман дурӯғ намегуфт, аммо як рӯз занг заду гуфт, ки зуд ба Хуҷанд оям, ки як кори муҳим ҳаст. Ҳайрон шудаму рафтам. Рост ба студияи сабти Зайниддин Каримов бурд. Матни сурудро ба дастам дод. Ду бор сароидаму сабт шуд. Бо ҳамин онро дар консерти калонаш дар «Амфитеатр»-и шаҳри Душанбе якҷо ичро кардем.

- Ба намоҳангҳояш (клипҳо) чӣ муносибат доштед? Дар ҳоле ки аксари сарояндагони номвару имкониятдори мо ба сабти намоҳангҳо, ки пули ҳангуфт сарф мешавад, ҷуръат намекунанд.

- Азбаски ба ӯ бовар доштам, камтар аз маблағу хароҷоташ мепурсидам, аммо як рӯз ҳамроҳ ба ҳашари ҳамсоя рафтем. Рафтем, ки бомашро мепӯшанд. Он ҷо Дамирҷон кунҷковӣ карду пурсид, ки барои вайрон кардану аз нав сохтани ҳамин хонаатон чӣ қадар пул сарф шуд? Соҳибхона гуфт: аз сар то охир 750 ҳазор рубли русӣ рафт. Дамирҷон гуфт: «Ҳа-а, пули як клипи ман будааст. 11 ҳазор доллар». Бисёр асабӣ шудаму пурсидам, ки кадом клипат ин қадар хароҷот дошт? Гуфт: «Ношинос». Вай ҳамеша як гапро такрор мекард: «Дадаҷон, ҳамааш нағз мешавад, хавотир нашавед. Як клип бардоштан, як суруд хондан даркор, ки монад-дия. Мемондагиш ҳамин...». Ҳозир клипҳояшро тамошо мекунаму ҳамон ҳарфҳояш дар гӯшам садо медиҳанд. Дар ҳақиқат, монданд.

- Вақте ӯ машҳур шуд, бо аҳли хонавода, бо мардум муносибаташ дигаргун нашуд?

- Ба фикрам, ки не. Ӯ мисли ман як бачаи шармгин буд. Мо бо ӯ фақат падару писар не, балки дӯст, ҳамроз, ҳамдам ва ҳамкасб будем. Якдигарро гӯё пур мекардем.

- Ҳама ёру дӯстон ва ҳампешагонаш аз одами нағз ва дарёдилу саховатпеша будани ӯ мегӯянд. Шумо дар боби хӯйу хислати ӯ чӣ гуфта метавонед?

- Чи гӯям? Ман гап занам, таъриф мешавад. Устухонам месӯзад. Бовар кунед, ман падари Дамирҷону лекин намедонистам, ки вай дар умри қариб 33-солааш ба ин қадар одамони бисёр некӣ кардааст. Сар карда аз рӯзи ҷаноза, мана то имрӯз - 9 моҳу 20 рӯз боз мардум аз Самарқанду Бухоро, Душанбеву Кӯлоб, Хуҷанду Панҷакент меоянду меравand. Ҳамаашон як гап мегӯянд: писаратон дар фалон вақт, дар фалон шаҳру ноҳия барои мо некӣ карда буд, дасташ ба мо ҳам расида буд... Дар рӯзи беморӣ, дар ҷанозаи модару падарам дар барам рост буд, дар фалон тӯйи ман бо як пули ночиз хизмат карда буд... Аз ҳама бештар аз сокинони Хуҷанди бостонӣ аз замин то осмон розиям. Хуҷандиҳо Дамирҷонро писари худашон, шаҳрванди ифтихории худашон эълон карда будаанд. Он қадар омаданду дилпурсӣ карданд, ки дар ҳайрат шудам. Ба фикрам, бештар аз ними аҳолии шаҳр ба ҳавлии хоксоронаи мо омада рафтанд.

- Боре ба ман гуфта буд, ки нияти ба Душанбе кӯч бастан дорад... Аммо дар мусоҳибаҳояш изҳор медорад, ки дар Хуҷанд хона сохтааму падару модарамро оварданиям. Кадомашро бештар мехост?

- Рост, дар Хуҷанд ҳавлӣ ва як хонаи нимбуд дорад. Ҳамеша мегуфт, ки «дадаҷон, сабр кунед, ками дигар монд, ҳаматона ба Хуҷанд мебарам...». Дар масъалаи ба пойтахт рафтанаш низ маслиҳат доштем. Ӯ ҳатто 3 моҳ дар ансамбли «Лола» дар Душанбе фаъолият дошт, вале мани бадбахт намондам, ки равад. Шояд роҳашро намедоштаму ба Душанбе мерафт, ҳамин фалокат рух намедод...

- Ҳарчанд барои шумо ёд овардан мушкил аст, аммо хоҳиш мекунам, аз дидори охиринатон каме нақл мекардед...

- Ҳеҷ аз ёдам намеравад. 23-юми январ буд. Дамирҷон бо хоҳараш Нигинахон ба ноҳияи мо - Деваштич, ба яке аз деҳаҳои куҳистон барои тӯйгузаронӣ омаданд. Писарам ба ман занг заду хоҳиш кард: дадаҷон, модарама гӯед, як хоная гарм карда, ороста монанд, Нигинаапам шояд ҳамроҳи ман биёянд. Зуд тараддуд дидем, хонаро барои меҳмони азиз омода кардем. Чанде гузашту боз занг зад. Гуфт, ки сахт дар ташвиш нашавед, заминҳо яхбандон, Нигинаапам ба Хуҷанд мерафтаанд. Мо бо навозандагон меоем. Шаб шуду расиданд. Аҷиб он буд, ки худ аз худ ӯро сахт оғӯш кардам. Каме дар канорам дошта истодам. Дамирҷон пурсид: «Ҳа, дада, сахт ёд карид-мӣ?». “Беҳад сахт, писарам, беҳад” гуфтам. «Ҳамин зимистон гузарад, охири сол (2022) ҳаматона Хуҷанд мебарам, дигар ҷудо намешем, Худо хоҳад”. Вале 2022 соли ҷудоӣ будааст, абадан ҷудо шудем. Мана, даҳ моҳ шуд, дидор дар қиёмат гуфта гаштем... (гиряи баландовози падар).

Суҳбаторо
Бузургмеҳри БАҲОДУР,
Душанбе-Деваштич-Душанбе

ОЯНДАИ ДУРАХШОН ДАР ДБССТ

Асрорзода Убайдулло Саттор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Довталабони азиз!

Дар шароити имрӯз тамоми сохтору корхона ва ташкилоту идораҳо ба мутахассисони донишманду дорои диди тоза эҳтиёҷ доранд. Барои ин дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам мебошад. Ин ҳама имкон медиҳанд, ки орзуҳои шумо барои мутахассиси касбӣ шудан дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон амалӣ гарданд.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳамсол бо Истиқлоли кишвар аст. Албатта, пешравиҳо дар ин таълимгоҳи олӣ дар давоми мавҷудияташ зиёданд, вале ташрифи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва ифтитоҳи биноҳои нави таълимии донишгоҳ муҳимтарин дастоварди маҳсуб меёбад.

1-уми сентябри соли 2021 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ 2 бинои нави таълимии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистонро мавриди истифода қарор доданд. Ҳар ду бино, ки яке 5 ва дигаре 3-ошёна мебошанд, ба истиқболи 30-солагии Истиқлоли давлатӣ дар доираи эълон гардидани солҳои 2019-2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бунёд шуданд. Дар биноҳои нави муассиса 48 синфхонаи таълимӣ, ҳуҷраҳои корӣ, 8 озмоишгоҳ, аз ҷумла, ташхисгоҳи гумрукӣ, синфхонаи таълимии фанни муҳосибот, интелекти сунъӣ, меҳмонхонаи таълимӣ, сайёҳӣ, сайёҳии кухӣ, бонки таълимӣ ва синфхонаи лингофонӣ мавҷуд мебошанд. Ҳамчунин, иншооти нав дорои китобхона бо 92 ҳазор нусха китоби чопӣ, 941 ҳазор нусха китоби электронӣ ва толори фарҳангӣ барои 600 ҷойи нишаст мебошад.

Довталабони азиз!

Мо - ҳайати раёсат ва омӯзгорони донишгоҳ пайваста кӯшиш дорем, ки дар самти тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳаи сайёҳӣ аҳамияти бештар диҳем. Ҳоло дар донишгоҳ барои омӯзонидани мутахассисони оянда дар соҳаҳои муҳими иқтисодии кишвар беш аз 200 омӯзгори ботаҷриба ва соҳибунвон фаъолият доранд.

Муваффақияти дигари мо ин аст, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳои донишгоҳ дар вилоятҳои Суғду Хатлон (шаҳрҳои Хуҷанд ва Левакант) таъсис ёфтанд, ки ҳоло фаъолияти пурсамар доранд.

Имрӯз барномаҳои таълимии ихтисосҳои донишгоҳ ба стандартҳои байналмилалии таҳсилот мутобиқ гардонида шудаанд. Аз ибтидои соли таҳсили 2021-2022-юм чандин ихтисоси нав таъсис ёфта, донишҷӯён бо забони англисӣ ва русӣ низ таълим мегиранд.

Хушбахтона, ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон шомили Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиё мебошад. Ин имкон медиҳад, ки робитаҳои хориҷии донишгоҳ бо донишкадаву донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотии ватанию хориҷӣ густариш ёбад. Умуман, раёсати донишгоҳ ба рушди робитаҳои хориҷӣ бо донишгоху донишгоҳҳои дохилию хориҷ аз кишвар таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Айни замон теъдоди шартномаи ҳамкорӣ бо муассисаҳои олии хориҷӣ ба 180 адад расидааст, ки муҳимтарини онҳо шартномаи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи илмҳои компютерӣ ва муҳандисии Малайзия (University Malaysia of Computer Science & Engineering (UNIMY)) ва Донишгоҳи давлатии сайёҳӣ ва хизмати Россия мебошанд.

Дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз тарафи раёсат пайваста чавонони болаёқат, ки барои азхуд кардани дониш кӯшиш мекунанд ва дар чорабиниҳои дохилӣ ва байналмилалӣ фаъолона ширкат меварзанд, дастгирӣ ёфта, бо тухфаҳои пулию молӣ ҳавасманд мегарданд.

Дар интиҳо бо таманниёти орзуҳои нек ба шумо - довталабони гиромӣ дар интихоби касби ояндаатон муваффақият хоҳонам. Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва филиалҳои он дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Левакант интизори шумо - довталабони азиз мебошанд.

НАҚШАИ ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОН БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023-2024

НАҚШАИ ҚАБУЛ (НАФАР) /*гурӯҳҳои ройгон*							
ИХТИСОС	ҲАМАГӢ	РӮЗОНА		ФОСИЛАВӢ		МАБЛАҒИ ШАРТНОМАИ РӮЗОНА
		ТОҶИКӢ	РУСӢ	ТОҶИКӢ РУСӢ*	МАБЛАҒИ ШАРТНОМАИ ФОСИЛАВӢ	
№	Б А К А Л А В Р И А Т					
Кластери 1-ум - "Табиӣ ва техникӣ"						
1.	1-400101-04 Бехатарии иттилоотӣ	25	19/6*	-	-	-	5561
2.	1-400103 Зеҳни сунъӣ	25	15/10*	-	-	-	5161
3.	1-310303-03 Математика (фаъолияти иқтисодӣ)	25	20/5*				4711
4.	1-310303-02 Математикаи амалӣ (фаъолияти илмию педагогӣ)	25	15/10*				4711
5.	1-540101 Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия	25	15/10*				4811
6.	1-400101-08 Муҳандиси барномавӣ	25	20/5*				4942
7.	1-40010103 Системаҳои компютерии бонкӣ	25	20/5*	-	-	-	6446
8.	1-400301-03 Технологияи зеҳнии компютерии реинҷинеринг ва бизнес-равандҳо	25	15/10*	-	-	-	5161
Кластери 2-юм - "Иқтисод ва география"							
9.	1-250104-03Андоз ва андозбандӣ	50	22/3*	22/3*	10*	5464	6366
10.	1-250111Аудит ва ревизия	25	19/6*	-	-	-	6111
11.	1-250108-01 Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо	50	45/5*	-	-	-	5781
12.	1-250108-05 Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат	50	40/10*	-	10	4700	5781
13.	1-25010803 Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои бучетӣ ва илмӣ	25	20/5*	-	-	-	5361
14.	1-260201-01 Бизнес-маъмуриятчигӣ дар соҳаи истеҳсолот ва хизмат	25	15/10*	-	-		4403
15.	1-250104-08 Бозори фондӣ	25	15/10*	-	-	-	4213
16.	1-020405-03 Географияи иқтисодиёт	25	15/10*	-	-		4711
17.	1-310203-0203 Географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат	25	18/7*	-	-	-	4831
18.	1-020405-04 Географияи ҳифзи табиат	25	15/10*	-	-	-	4711
19.	1-260101 Идораи давлатӣ	50	42/8*	-	10	3400	4911
20.	1-260101-01 Идораи мақомоти маҳаллӣ	25	17/8*	-	-	-	4711
21.	1-260201-06 Идоракунии зиддибӯҳронии корхона	25	15/10*	-	-	-	4546
22.	1-250107-11 Иқтисодиёт ва идора дар корхонаи саноатӣ	25	15/10*	-	-	-	4403
23.	1-250107-18 Иқтисодиёт ва идора дар корхонаи хоҷагиҳои меҳмондорӣ ва тарабхона	25	15/10*	-	-	-	4193
24.	1-250107-17 Иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ	50	15/10*	-	10	4365	5013
25.	1-270101-16 Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати сабук)	25	15/10*	-	-	-	4311
26.	1-270101-10 Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика)	25	15/10*	-	-	-	4739
27.	1-250102-02 Иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ	25	20/5*	-	-	-	6446
28.	1-250110-26 Иқтисодиёти рақамӣ	25	15/10*	-	-	-	4620
29.	1-250103 Иқтисодиёти ҷаҳонӣ	75	22/3*	23/2*	10	4430	5768
30.	1-25011200 Информатикаи иқтисодӣ	25	15/10*	-	-	-	5031
31.	1-31030602 Кибернетикаи иқтисодӣ (технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт)	25	15/10*	-	-	-	6446
32.	1-03020109 Кишваршиносӣ ва сайёҳӣ	25	15/10*	-	-	-	4546
33.	1-250104-02 Кори бонкӣ	75	20/5*	23/2*	10	5465	6065
34.	1-260203 Маркетинг	50	44/6*	-	-	-	5113
35.	1-260202 Менеҷмент	50	44/6*	-	10	3270	4546
36.	1-260202-10 Менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ	50	19/6*	21/4*	-	-	4403
37.	1-26020202 Менеҷменти байналмилалӣ	25	20/5*	-	-	-	5411
38.	1-26020203 Менеҷменти инноватсионӣ	25	20/5*	-	-	-	4546
39.	1-250104-10 Менеҷменти молиявӣ	50	20/5*	-	-	-	5751
40.	1-570102 Менеҷменти экологӣ ва аудит дар саноат	25	16/9*	-	-	-	4811
41.	1-250104 Молия ва қарз	75	45/5*	25	10	5461	6171
42.	1-25010409 Молия ва назорат дар фаъолияти гумрук	25	20/5*	-	-	-	6446
43.	1-230101 Муносибатҳои байналмилалӣ	75	70/5*	-	-	-	6411
44.	1-250101 Назарияи иқтисодӣ (Омузгори фанҳои иқтисодӣ)	25	15/10*	-	-	-	4931
45.	1-250105 Омор	25	20/5*	-	-	-	4060
46.	1-890101 Саёҳат ва меҳмондорӣ	50	-	15/10*	-	-	4303
47.	1-260103-01 Танзими давлатии иқтисоди миллӣ	25	15/10*	-	-	-	5691
48.	1-960101-02 Таъминоти иқтисодии фаъолияти гумрукӣ	100	94/6*	-	-	-	6066
49.	1-400102-02 Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт)	50	15/10*	-	-	-	4942
50.	1-31030601-04 Технологияҳои иттилоотии идора дар иқтисодиёт	25	20/5*	-	-	-	4970
51.	1-960101 Ҳадамоти гумрук	50	20/5*	-	10	6235	6446
Кластери 3-юм - "Филология, педагогика ва санъат"							
52.	1-020306 Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)	25	20/5*	-	-	-	5411
53.	1-020306 Забонҳои хориҷӣ (забони русӣ)	25	15/10*	-	-	-	3996
54.	1-020306 Забонҳои хориҷӣ (забони хитоӣ)	25	20/5*	-	-	-	6211
55.	1-230112-04Кори осорхона ва ҳифзи ёдгории таърихию фарҳангӣ (мероси фарҳангӣ ва сайёҳӣ)	25	18/7*	-	-	-	4546
56.	1-080801-08 Таълими касбӣ (иқтисодиёт ва идора)	25	15/10*	-	-	-	4711
57.	1-080101-07 Таълими касбӣ (информатика)	25	15/10*	-	-	-	4711
58.	1-230102-01 Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (хизматрасонии иттилоотӣ)	25	13/12*	-	-	-	5031
Кластери 4-ум - "Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ"							
59.	1-23010101 Сиёсати берунӣ ва дипломатия	50	43/7*	-	-	-	6211
60.	1-24010312 Танзими ҳуқуқи молия ва қарз	25	20/5*	-	-	-	6446
61.	1-23010103 Ташкили робитаҳои байналмилалӣ	25	15/10*	-	-	-	5511
62.	1-24010301 Таъмини ҳуқуқи фаъолияти тичоратӣ	25	20/5*	-	-	-	4656
63.	1-960101-01 Таъминоти ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ	100	94/6*	-	10	5465	6066
64.	1-930101-01 Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (Полиси сайёҳӣ)	25	20/5*	-	-	-	5751
65.	1-24 01 01 06 Ҳадамоти консулӣ	50	41/9*	-	-	-	6411
66.	1-240101-05 Ҳуқуқи байналмилалӣ	25	20/5*	-	-	-	6411
67.	1-25010205 Ҳуқуқи гумрукӣ	50	20/5*	-	-	-	6446
68.	1-240103 Ҳуқуқи иқтисодӣ	25	20/5*	-	-	-	6546
Кластери 5-ум - "Тиб, биология ва варзиш"							
69.	1-890201-7901 Сайёҳии осоишгоҳи табобатӣ (5-сола)	25	20/5*	-	-	-	5311
70.	1-790103-01 Тибби сайёҳӣ	25	20/5*	-	-	-	5611
Факултети муштарак байни Донишгоҳи давлатии сайёҳӣ ва хизмати Федератсияи Россия ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон							
71.	43.03.02 Туризм	25	25	-	-	-	6000
72.	43.03.03 Фаъолияти меҳмонхонавӣ	25	25	-	-	-	6000
73.	43.03.01 Сервис	25	25	-	-	-	6000

Нурулло Алиев:

МАН ҲАБИБ НЕ, НУРУЛЛОИ ТОҶИКАМ!

“Уқоби тоҷик” Нурулло Алиев баъд аз ҳунарнамоии аввалин ва пирӯзияш дар созмони UFC ба Тоҷикистон баргашт ва меҳмони ҳафтаномаи “Тоҷикистон” шуд. Дар нашри 7-уми барномаи “РӮ ба РӮ” -и ютубканали Pressa.tj ӯ роҳи тайкардаашро то октагони UFC - муътабартарин лигаи ҷаҳонии варзиши муҳорибаҳои омехта нақл кард…

- Нурулло, шуморо бори дигар бо фатҳи UFC табрик мегӯям. Баъди ғалаба чӣ эҳсосот доштед?

- Эҳсосотамро баён карда наметавонам. Зеро ин ғалаба барои ман муҳим буд. Чунки мардуми Тоҷикистон солҳо интизор буданд, ки кай як тоҷик ба UFC роҳ меёбад. Худованд инро ба ман насиб кард.

- Рақиби шумо Рафаел Алвес ҳам яке аз размкорони тачрибадори UFC аст. 10 сол аз шумо калон асту 20 ғалаба дорад. Шикасти ӯ душвор набуд?

- Баъд аз он ки ман бо UFC шартнома бастам, мачмейкер - масъули муҳорибаҳо ба менеҷери ман навишт, ки 5 нафар аз муҳориба бо ман ҳуддорӣ кардаанд. Сабаб дар он аст, ки ман гӯштингир ҳастам ва дар Амрико ба гӯштин аҳамият намедиҳанд. Баъдан вақте Алвесро пешниҳод карданд, ман розӣ шудам. Гуфтам, ки агар дар тақдир набошад, ба як размкори бетачриба ҳам бой медиҳам. Бинобар ин, розӣ шудам. Вале чиддӣ омодагӣ гирифтам. 3 ҳафта дар Доғистон ва 2 ҳафта дар Амрико тамрин кардам.

- Дар кучо тамрин мекардед?

- Дар Маями. Дар толоре, ки ман тамрин мекардам, 4-5 размкори UFC низ тамрин мекарданд.

- Давраи тамрини шуморо кӣ маблағгузорӣ мекунад?

- Маро то ҳол ягон кас маблағгузорӣ накардааст. Бародарон ва оилаам маро дастгирӣ мекунанд.

- Дар раунди аввал Алвес эълон кард, ки шумо ангушти дасти ӯро газидед. Ва довар шуморо ҷазо ҳам дод. Инро чӣ гуна шарҳ медиҳед?

- Вақте ман Алвесро хобонидам, ӯ монда шуда буд. Талош кард, ки хеста рост ҷанг кунем. Вале ман муқобилият нишон додам. Бразилиягиҳо бисёр нағма доранд. Ӯ ҳам қасдан панҷаи дасташро ба даҳони ман андохт. Баъдан туҳмат кард, ки Нурулло ангушти маро газид. Ҳол он ки мо резин мепӯшем ва бо он газида намешавад. Дар ягон камера ҳам нест. Вале довар тарафи ӯро гирифт. Зеро вай ҳам аз номи Бразилия ва ҳам Амрико баромад мекард.

- Умуман, то расидан ба UFC шумо роҳи дарозро тай кардед. Чаро роҳи варзишро интихоб кардед?

- Ман фикр намекардам, ки варзишгари касбӣ мешавам. Бародаронам, ки варзишгар буданд, маро ба мусобиқаҳояшон тамошо мебурданд. Аввал ба гӯштини тарзи озод рафтам. Ва баъдан аз паси бародарам ба муҳорибаҳои омехта гузаштам.

- Фикри рафтан ба UFC ба сари шумо аз кучо пайдо шуд?

- Вақте ман 3 бор чемпиони ҷаҳон ва 3 бор чемпиони Осиё шудаму ба касбӣ гузаштам ва камарбанд гирифтам, UFC бароям шавқовар шуд. Зеро ин майдон дар варзиши мо қуллаи баландтарин аст.

- Барои расидан ба ин саҳна чӣ душвориҳоро тай кардед?

- Ман сахт азоб кашидам. Гӯшнагиро ҳам дидам. Вақте дар Москва тамрин мекардам, барои тамрин ҳамагӣ як либос доштам. Бинобар ин, дар байни тамринҳо либосҳоямро шуста, бо дарзмол хушк карда, мепӯшидам. Дар 20-30 дараҷаи сардии Москва бо красовкаи тобистона мегаштам. Вале шукр, ҳамааш пушти сар шуд. Ҳадафи ман як аст: Муаррифӣ кардани Тоҷикистон. Вақте дар Амрико Дана Уайт - роҳбари UFC-ро қапида гуфтам, ки ман аз кишвари дури Тоҷикистонам, ба ман як шонс дех, “Тоҷикистонаш чӣ?”,- гуфт назарногирона. Гуфтам, ки Тоҷикистон чӣ не, давлат аст. Бинобар ин, талоши ман барои муаррифии Ватан буд.

- Шуморо “Уқоби тоҷик” мегӯянд. Ин тахаллусро ба шумо кӣ дод ва ба он чӣ назар доред?

- Вақте барои шартномаи UFC баромад кардам, ҳамон ҷо гуфтанд, ки симои ту ба уқоб монанд аст, бинобар ин, ту “Уқоби тоҷик” ҳастӣ. Ман ҳам розӣ шудам.

- Шуморо бисёриҳо ба Ҳабиб Нурмухаммедов монанд мекунанд. Ин ба шумо хушоянд аст ё не?

- Аллоҳ моро каме монанд кардааст, вале ман Нурулло ҳастам ва тоҷикам.

- Пас аз шумо Лоиқ Рачабов ҳам дар нахустин размаш худ дар UFC ғолибият ба даст овард. Дар бораи Лоиқ чӣ фикр доред?

- Лоиқ бародар аст. Дар як толор тамрин мекунем. Лоиқ бениҳоят варзишгари хуб ва ботачриба аст.

- Киҳо аз варзишгарони тоҷик шонс доранд, ки дар ояндаи наздик ба UFC роҳ ёбанд?

- Муин Ғафуров. То охири сол бисёр варзишгарони тоҷик ба майдони UFC мебароянд. Мо роҳро кушодем.

- Баъди ғалаба гуфтед, ки ба Тоҷикистон меоед ва оиладор мешавед. Тӯй кай баргузор мешавад?

- Ҳоло арӯс наёфтаам.

- Дар нахустин нишаст гуфтед, ки ғалабаатонро ба модаратон мебахшед, зеро баробари шумо чанд рӯз парҳез карданд. Дар бораи падару модаратон бигӯед. Онҳо чикора ҳастанд ва то кучо розиянд, ки шумо ба чунин варзиши хатарнок машғул шавед?

- Падарам тоҷик ва модарам хонашин ҳастанд. Онҳо аз оғоз розӣ набуданд, ки ман ба муҳорибаи омехта машғул шавам. Баъди ҳар муҳориба, вақте хона меомадам, мегуфтанд, ки ин охирин бор! Баъдан фаҳмонидам, ки ин роҳи ман аст. Модарам албатта ғамгин мешаванд, ягон муҳорибаи маро тамошо намекунанд. Як рӯз пеш аз муҳориба зодрӯз доштанд. Ман гуфтам, ки ғалабаамро ба зодрӯзатон туҳфа мекунам.

- Хабаре нашр шуд, ки шуморо дар ИМА дуздон ғорат кардаанд. Ин қазия чӣ тавр сурат гирифт ва бо чӣ анҷомид?

- Вақте муҳлати меҳмонхона тамом шуд ва мо бояд онҷоро тарк мекардем, сумкаҳоро дар мошин гузоштем. Мошин дар таваққуфгоҳи меҳмонхона буд ва мо сумкаҳоро дохили он монда, барои харидани қаҳва ба дохили меҳмонхона даромадем. Аз байн 5-6 дақиқа гузашт ва қаҳва гирифта баромадем, ки тирезаҳои мошин шикаста ва сумкаҳоямон нест. Кормандони пулисро даъват карда, дурбинҳои назоратиро дидем. Дуздҳо омада, тирезаи мошинро шикаста, сумкаҳоро гирифтаанд. Гуфтанд, ки чустучӯ дорем, вале то ҳозир ягон хабар нест.

- Муҳорибаи навбатӣ кай баргузор мешавад ва шуморо чӣ душворӣ дар пеш аст?

- Рақиб маълум нест. Бояд моҳҳои июн-июл ба майдон бароям.

- Чанд сол карераи худро идома медиҳед?

- То чемпион шуданам. Вақте камарбандро овардам ва дар он лаби дунё бигӯянд, ки Нуруллои тоҷик ҳаст, баъд бас мекунам.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

Мавлудномa

• 16 МАРТ •

Шавкат Бозоров (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

Фатҳия Икромова (1933), 85-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи педагогика, профессор.

Давлат Қурбонов (1943), 80-солагии зодрӯзи дирижёр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Исроил Рабизод (1953), 70-солагии зодрӯзи журналист.

• 17 МАРТ •

Иброҳим Ғаниев (1938), 85-солагии зодрӯзи рассом, ношир, Арбоби ҳунари Тоҷикистон.

Аҳтам Сафаров (1958), 65-солагии зодрӯзи наққош, кулолгар.

Ҳайдар Раҳим (1923-1985), 100-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

• 18 МАРТ •

Олим Бобоев (1958-2011), 65-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Ҷӯрахон Инъомзода (1943), 80-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, олими соҳаи тиб.

Нозимхон Нидоев (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

Мухбил Нуъмонов (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

• 19 МАРТ •

Иззатулло Ғаниев (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор, академики АИ Тоҷикистон.

Ҳоҷӣ Муин Шукруллозода (1883-1942), 140-солагии зодрӯзи шоир.

Ҳушанг Гулшерӣ (1938-2000), 85-солагии зодрӯзи нависанда ва адабиётшиноси эронӣ.

• 20 МАРТ •

Зебо Ҳабибова (1948), 75-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

Ҷумъа Қуддус (1958), 65-солагии зодрӯзи драматург, арбоби фарҳангӣ.

Қурбони Муҳаммадалӣ (1938-2008), 85-солагии зодрӯзи шоир.

Нуриддин Муҳаммадов (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ.

Ҷумъақул Холиқов (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Парвонахон Ҷамшедов (1943), 80-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Шамсулҳақ Ориёнфар (1953), 70-солагии зодрӯзи адабиётшиноси тоҷиктабори Афғонистон.

• 21 МАРТ •

Виктор Виткевич (1908-1983), 115-солагии зодрӯзи кинодраматург.

Азиза Мансурова (1953), 70-солагии зодрӯзи забоншинос (англисӣ).

• 22 МАРТ •

Сироҷиддин Алиев (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

Мунира Шаҳидӣ (1943), 80-солагии зодрӯзи шарқшинос-фарҳангшинос, профессор.

• 23 МАРТ •

Татяна Гусейнова (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

Музаффар Назаров (1938), 85-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Манзура Султонова (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

• 24 МАРТ •

Муяссара Абдуллоева (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Музаффар Исмоилов (1948-2013), 75-солагии зодрӯзи сароядаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Муҳаммадқули Худойқул (1943), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

• 25 МАРТ •

Ҳилолиён Аскар (1923-1994), 100-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Элианора Новгородова (1933), 90-солагии зодрӯзи муаррих, шарқшинос.

Қирғизбек Чоршанбиев (1938-2010), 85-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

• 26 МАРТ •

Абдухалил Ашӯров (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Имонқул Бӯриев (1968), 55-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ.

Ҷамшед Примов (1948), 75-солагии зодрӯзи адиби ӯзбекзабони Тоҷикистон.

Эмомалӣ Шералиев (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

ҚАВМЕ БА ҶИДДУ ҶАҲД ГИРИФТАНД ЗУЛФИ ЁР...

Такаббур ва ғурури беҷо мардуми моро ба куҷо мебарад?

Манзури мо аз нигоштани ин чанд сатр интиқод ё камбудӣ гирифтан аз ҳеч касе нест, балки кӯшише барои бедор кардани касонест. Мо дар таҷрибаи зиндагии худ саъй кардем фақат бо ҳарф задан маҳдуд набошем, балки амал ҳам кунем. Ба ин хотир, дар канори омӯзишу мутолиаи рӯзмарра, даст ба белу каланд будан ва бо замин сарукор доштанро бар худ воҷиб медонем.

Муъҷизаи кишоварзӣ дар Ветнам.

Ин манзара байти Хоҷа Ҳофизро ба ёд меорад:
Қавме ба ҷидду ҷаҳд гирифтанд зулфи ёр,
Қавми дигар ҳавола ба тақдир мекунанд.

Дар ин росто ба ошноӣ бо таҷрибаҳои пешрафта ва истифода аз фанноварӣ ё технологияҳои навин дар риштаҳои гуногун, бахусус кишоварзиву чорводорӣ, таваҷҷуҳи зиёде дорем ва дар ҳадди тавони худ мекӯшем, то мардумро барои истифода аз онҳо ташвиқ кунем. Зеро деҳқон, ки зотан ва табиатан "шаккок" аст, то ба чашми сар набинаду бо дастонаш ламс нанамояд, ба ҳеҷ вачҳ бовар намекунад. Аз ин рӯ, ҳар кори амаливу назарие, ки кардем, аз тариқи расонаҳо ва бахусус фазои мачозӣ ба намоиш гузоштем. Илова бар он, чандин нишасту суҳбатҳои марбут ба кишоварзиро дар хонаву хочагии деҳқонии худ баргузор кардем, ки бар суди кор буд.

Ҳамон гуна, ки ишора шуд, мақсуди мо аз ин навишта ҷалби таваҷҷуҳи ташаббускорон, аз мансабдорон то мардуми оддӣ ва аз кишоварз то ғайри кишоварз аст, то дар ин риштаи дорои аҳамияти ҳаётӣ бо мо ҳамкорӣ ва кумак кунанд. Мо фақат бо даст ба дасти ҳам додану ҳамкорӣ кардан метавонем сарзамини борифоҳ ва озода бунёд кунем, зеро кишоварзӣ аввалин таҳкурсии тамаддунии мост. Имрӯз шоҳиди онем, ки чигуна дар як лаҳза иттифоқоти аҷибу ғариб ва берун аз интизор сарнавишти як қавм ва буду набуди онро мавриди суол қарор медиҳад. Бинобар ин, ҳоло дигар ҷои диранг нест ва бояд амал кард. Ба қавле, "Эй зӣ фурсат бехабар дар ҳар чӣ бошӣ, зуд бош". Худкифо будан ва худкифо шудан дар ҳама заминаҳо ва даст пеши дигарон дароз накардан - ин аст кори ҳар халқи вораста.

Бубинед, бо ба миён овардани бемории "Ковид"-и сиёсии машкуки омехта бо тарсу ваҳм чигуна ҳама кишварҳои дунёро ба он во доштанд, то дар як лаҳза дарҳои худро ба рӯи якдигар бубанданд ва пайвандҳои таъмулу муровидатро, ки тайи даҳсолаҳо эҷод карда буданд, қатъ кунанд. Ҳазорон мушкил халқ намуданд ва садҳо ҳазор одамро "дилкаф" карданд ва бар дӯши садҳо миллиони дигар хисороти модиву молӣ ва руҳиву равонӣ гузоштанд. Ҳаргиз замонате вучуд надорад, ки пас аз ин боз ҳам мардуми дунёро гирифтори "вабо"-и дигаре накунанд.

Нуктаи дигаре, ки нигароніҳоро беш аз пеш меафзояд, гирифтории мардум ба бемории такаббуру худхоҳист, ки бузургтарин зарба ба ахлоқи миллии мост. Такаббуру худхоҳӣ - яъне ҳақиру нотавон шумурдани дигарон. Бадтар аз ҳама он аст, ки ин беморӣ боиси заиф шудани мароми ичтимоии мардум гардида, онҳоро аз ҷамъгароӣ ба фардгароӣ ҳидоят мекунад, ки арзишҳои фарҳангӣ ва эътиқодиашонро дар маърази хатари ҷиддӣ қарор медиҳад.

Боре дар ҷамъомаде бо яке аз дӯстони соҳибдил суҳбате доштем. Ӯ бо садои ором мехост мавзӯи коста шудани ахлоқ дар ҷомеаро таъриф кунад. Аз ҷумла, далели камранг шудани ҳурмату эҳтироми бузургу хурдро. Нафаре, ки паҳлуям нишаста буд, сабаби пеш омадани чунин вазъро суол кард ва мунтазири посух нашуда, худ чавоб дод: "Такаббур, ғурури беҷо, худбиинии мардум сабаби ин гуна ахлоқ шудааст...". Ин пурсишу посух ба қалбам фишор овард. Ба ёдам омад, ки ҳанӯз дар миёнаи даҳаи 1990 нависанда ва мутафаккир Чингиз Айтматов дар китоби худ "Тавро Кассандра" чаҳониёнро аз пайдоиши ин гуна ахлоқу бемории равонии хатарнок ҳушдор дода буд. Лозим медонам аз ин китоб чанд ҷумлаеро бидуни тарҷума биёварам: "Эгоизм насквозь пронизавший нашу цивилизацию, стремление жить только для себя, ради удовлетворения своих удовольствий. Род людской вновь оказался лицом к лицу со смертоносной извращённой отравленной им самим природой. Не только внешней (экологический дисбаланс), но и внутренний (генетический срыв, вырождение бестиализации (феъли ҳайвонӣ), сатанизация человеческого свойства). Инстинкт агрессии и саморазрушения бушует в подсознании, вырывается наружу, грозит изнутри уничтожить человеческую цивилизацию. Только новое всеродовое всеземное сознание и единство позволят выжить человечеству и выйти на новое положение уже вселенной».

Бидуни шак, ин падидаи номатлуб ба тадриҷ ҷомеаи моро ҳам фаро гирифт, ки фардгароии маҳз, ҳарфи орӣ аз амал, парҳез аз ташаббус, заъфи ахлоқ ва беҳурматӣ нисбат ба якдигар ва бузургсолон, ки барои ахлоқи миллии мо бегона аст, нишонаҳои боризи он ба шумор мераванд. Бояд тадбире андешид, то аз густариши бештари ин падидаи манфӣ ҷилавгирӣ ба амал ояд. Ба назари банда, яке аз роҳҳои муассири ҳалли ин мушкил машғул шудан ба кору созандагӣ дар муҳиту макони зистамон аст.

Имрӯз бахши зиёде аз мардони мо роҳи ҳалли мушкилоти зиндагиашонро дар муҳоҷират ба кишварҳои дуру наздик мебинанд. Албатта, манъи муҳоҷират роҳи ҳал нест, балки мудирияти саҳеҳ ва эҷоди таъодул дар ин раванд лозим аст. Муҳоҷират як падидаи таърихист ва ба сурати табиӣ паёмадҳои бисёр зиёди мусбату манфии иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ дорад. Ин масъала, ки бори мусбат ё манфии ин падида барои мардуми мо бештар аст, ба мачмуъе аз авомилу далоил иртибот мегирад, ки пардохтан ба он ҳадафи ин навишта нест. Фақат ба сурати гузаро ба он бояд ишора кард, ки дурӣ ва ҷудоӣ аз ҷуғрофиёе, ки кистиву чистии фарҳангӣ, ичтимоӣ ва эътиқодии муҳоҷиронро шакл додааст, умдатан таъсири манфӣ дорад. Барои насли фарзандон, яъне онҳое, ки дар хориҷ ба дунё омадаву он ҷо дарс хондаву бузург мешаванд, арзишҳои ичтимоиву фарҳангии мо ба шиддат ранг мебозанд. Бароямон Тоҷикистон фақат ватани падариву бобоӣ боқӣ мемонаду бас. Тағйири сохтори синнӣ ва солхӯрдагии аҳолӣ дар манотиқи рустоӣ (чун бештари ҷавонону мардони синни 20 то 50 муҳоҷири корӣ мешаванд) падидаи нигаронкунандест.

Барҳақ раҳбари давлат бо нигаронӣ аз ин масъала таъкид дошт, ки "Гумон накунед, ки дар кадом кишваре мардуми моро мунтазиранд". Дар ҳақиқат кишварҳои дигар бо пазириши нерӯи кори мо мушкилоти худро ҳал мекунанд, бахусус замоне, ки ин нерӯи кор ба маротиб арзонтар буда ва ниёзе ҳам ба харҷу ҳазинаҳои ичтимоӣ барои онҳо вучуд надорад. Вақте мешунавем муҳоҷирони мо (ҳатто онҳое, ки шаҳрванди Русия ҳастанд) барои мардуми бумӣ кӯчаҳоро мумфарш мекунанду об мегузаронанд, ба мактабҳову кӯдакистонҳо ва нафақахӯронашон кумакҳои моддӣ мерасонанд, онҳоро дарк мекунем. Албатта, аз як тараф чунин иқдом мутаносиб бо фитрати зотии мардуми мост ва аз тарафи дигар, чунин рафтор як навъ муомилаву мусолиҳа бо мардуми бумист, то даст аз таҳқиру беҳурматӣ нисбати онҳо бардоранд, ки ба лиҳози равоншинохтӣ бозгӯкунандаи нигароніашон аст.

(Давом дорад)

Ҳайдаршоҳи АКБАР

АФЗОИШИ СОДИРОТИ ХУШКМЕВА БА РУСИЯ

Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷагропромэкспорт" бо ширкати русиягӣ ҷиҳати содироти маҳсулоти кишоварзӣ созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид.

- Созишномаи ҳамкорӣ байни Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷагропромэкспорт"-и назди Агентии содироти назди Ҳукумати Тоҷикистон ва Ширкати "Торгово-закупочная сеть - Сибирь" чиҳати содирот намудани маҳсулоти кишоварзии ватанӣ ба имзо расонида шудааст,- иттилоъ додааст Агентии содироти Тоҷикистон.

Аз ҷумла ба минтақаи Сибири Русия пиёз, сабзӣ, карам, меваи тару тоза ва хушк, инчунин маҳсулоти тайёри ғизоӣ, бахусус шарбатҳои табиӣ ва афшураҳои мевачот содирот мешавад.

ОҒОЗИ СЕ ЛОИҲАИ БОНКИ ҶАҲОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

"Маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ афзалияти баландтарин барои Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон мебошад",- изҳор доштааст ноиби президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Анна Бйерде зимни вохӯрӣ бо президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Душанбе.

Ба гуфтаи ӯ, имсол маблағгузорӣ ба се лоиҳаи нав дар бахшҳои маорифу тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолӣ дар назар аст.

"Барои кумак ба кишвар дар бунёди иқтисоди бештар фарогир (инклюзивӣ) ва устувор",- иброз доштааст вай.

Ба ҷуз дидору гуфтушунид бо президенти Тоҷикистон ва аъзои ҳукумат, Бйерде ҳамроҳи вазири молияи ҷумҳурӣ Файзиддин Қаҳҳорзода аз ноҳияи Восеъи вилояти Хатлон боздид намуда, дар маросими мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани низоми нави таъминот бо об иштирок карданд, ки дар доираи тадбиқи лоиҳаи "Таъминот бо об дар деҳот ва обпарто" таъмиру навсозӣ шуд.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ЧЕМПИОНАТ

ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ АССОТСИАТСИЯИ ФУТБОЛИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ШИРКАТ МЕКУНАД

Нахустин чемпионат дар таърихи Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) бо ширкати тимҳои миллии мардона аз 9 то 21-уми июни соли ҷорӣ баргузор мешавад, ки сарпарастии онро ширкати русии «Газпром» бар уҳда гирифтааст.

Шаш созмони аъзои Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ - Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Афғонистон ширкати худро дар чемпионати CAFA-2023 байни дастаҳои миллӣ тасдиқ карданд. Дар ин мусобиқа тими миллии Русия низ хоҳиши ширкат карданро дорад, аммо то ҳол бо FIFA ва AFC ҳамоҳанг карда нашудааст. Ҳамчунин Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ яке аз дастаҳои Осиёро барои ширкат дар мусобиқаи нав даъват мекунад. Эҳтимол аст, ки ин дастаи мунтахаби Тайланд бошад.

Тибқи нақша пас аз натиҷаи қуръакашии Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ ҳашт даста ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд, ки дар он бозиҳо аз рӯйи системаи даврӣ дар як марҳила баргузор мешаванд. Сипас, ғолибони гурӯҳҳо дар финал вомехӯранд. Дастаҳое, ки дар гурӯҳҳои худ ҷойи дуюмро мегиранд, барои зинаи сеюми мусобиқа мубориза мебаранд. Ин мусобиқа дар шаҳрҳои Тошканд ва Бишкек баргузор мешавад.

Барои дастпарварони мутахассиси хорватӣ Петр Сегрт ширкат дар чемпионати CAFA-2023 яке аз марҳилаҳои омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 мебошад, ки он аз 12-уми январ то 10-уми феврали соли 2024 дар Қатар баргузор мешавад.

ҶОМИ ОСИЁ

НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР АРАБИСТОНИ САУДӢ ҶАМЪОМАДИ ТАЪЛИМӢ МЕГУЗАРОНАНД

Дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2023, ки аз 15-уми июн то 2-юми июл дар Тайланд баргузор мешавад, дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) дар Арабистони Саудӣ ҷамъомади дуҳафтаинаи таълимӣ мегузаронад.

Барои ин ҷамъомади таълимиву тамринӣ, ки аз 15 то 30-юми март дар Даммам доир мешавад, сармураббии мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) Раҳматулло Фузайлов 27 бозигар - 3 дарвозабон, 6 ҳимоятгар, 13 нимҳимоятгар ва 5 ҳамлагар даъват кардааст. Дар Арабистони Саудӣ наврасони мо чаҳор бозии санҷишӣ анҷом медиҳанд.

Ҳарифони дастаи мунтахаби Тоҷикистон (U-17) дар қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 рӯзи 30-юми март зимни қуръакашӣ, ки дар Бангкок баргузор мешавад, маълум хоҳанд шуд.

Пас аз натиҷагирии Ҷоми Осиё-2023 миёни наврасон дар Тайланд чор дастаи беҳтарин соҳиби роҳхат ба Ҷоми чаҳон-2023 дар Перу мегардад.



РЕЗААХБОР

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар радабандии ҷаҳонӣ мавқеашро дар байни 118 кишвар бо 996 имтиёз дар ҷойи 50-ум нигоҳ дошт. Тоҷикистон дар байни дастаҳои Осиё мақоми 11-умро соҳиб шудааст. Дар Осиё Эрон, Ҷопон, Ӯзбекистон, Тайланд ва Австралия дар панҷгонаи беҳтарин қарор доранд. Ҷойҳои минбаъдаро Индонезия, Ветнам, Ироқ, Қирғизистон ва Кувайт соҳиб шудаанд. Дар рейтинги нави ҷаҳонӣ Бразилия аввал, Испания дуюм ва Португалия сеюм шудаанд.

***

Аз 20-уми май то 11-уми июн дар кишвари Индонезия Ҷоми ҷаҳонии футбол-2023 миёни дастаҳои мунтахаби то 20-сола баргузор мегардад. Дар мусобиқа 24 дастаи беҳтарин аз тамоми олам ширкат хоҳанд кард. Осиёро дастаҳои Ӯзбекистон, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон ва Ироқ, ки пас аз роҳ ёфтан ба даври нимниҳоии Ҷоми Осиё-2023 ин роҳхатро соҳиб шуданд, намояндагӣ мекунанд. Дастаи Тоҷикистон дар Ҷоми Осиё-2023 натавонист аз гурӯҳ ба даври дигар роҳ ёбад.

***

Дар шаҳри Хуҷанд Чемпионати ҷудои Тоҷикистон миёни ҷавонон баргузор шуд, ки дар он 200 варзишгари 9 даста аз Душанбе, Хатлон, Суғд, ВМКБ ва ноҳияҳои тобеи марказ дар 8 вазн ширкат карданд. Дар вазни 50 кг Гадоев Меҳроҷиддин, 55 кг Қутбиддинов Лоиқ, 60 кг Бобокалонов Ёсин, 66 кг Назаров Ворис, 73 кг Амирҷони Абдулфаёз, 81 кг Бурҳонов Исмоил, 90 кг Сулаймонов Баҳоваддин, +90 кг Устопиров Фарахманд пирӯз шуданд.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Рӯзҳои наздик бо нафаре шинос мешавед, ки ба шумо пинҳонӣ кумак мерасонад. Дар ин давра пайдо шудани чунин нафар айни муддаост, зеро дар атрофатон нафарони бадхоҳе пайдо мешаванд, ки кӯшиши резонидани обрӯятонро мекунанд.

Савр
21.04 - 21.05

Агар дар муносибатҳоятон бо шахси дӯстдошта нофаҳмиву ранҷиш сар зада бошад, дар ин ҳафта вазъият рафъ гашта, на танҳо бо азизи дил, балки бо дигарон низ забон ёфтанатон осон мегардад.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаи серташвиш ва пур аз рӯйдод аст. Сари вазъияти дар коргоҳатон сарзада андеша намоед. Фаромӯш насозед, ки ҳама чиз аз худатон вобастагӣ дорад. Даромади иловагӣ имкон дорад. Бар асари серкорӣ асабониятатон дар ин рӯз зиёд мегардад.



Саратон
22.06 - 23.07

Зиндагӣ бе пастиву баландӣ намешавад ва ин ҳафта низ истисно нест. Баъзе ҳодисаҳои майда-чӯйдаи асабхаробкунанда рӯй медиҳанд, вале дар маҷмуъ чархи гардун ба коми шумо хоҳад гашт. Ҳар рӯзи ҳафтаро самаранок истифода баред.

Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта диққати бештари худро ба саломатӣ равона созед. Бехтараш пешакӣ бемориҳоро пешгирӣ намуда, бо машқи бадан машғул шавед. Дар вақташ хӯрок хӯрдану саривақт хоб рафтанатон ҳатмист.

Сумбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта дастгирии дӯстону ҳамфикронро хеле хуб эҳсос мекунед. Нисбати ҳамкорони худ танқидро раво набинед ва камбудиҳои наздиконро низ нодида гиред. Ба қадри заҳматҳои худ расед, вагарна аз сустии шумо бадхоҳон истифода мебаранд.



Мизон
25.09 - 22.10

Дар ин ҳафта хонаву дари худро ба тартиб оварда, фаромӯш насозед, ки миёни тозагӣ ва ҳолати саломатӣ алоқаманди вуҷуд дорад. Ҳар қадаре атрофатонро ба тартиб ored, ҳамон андоза худро хуб ҳис мекунед.

Ақраб
23.10 - 22.11

Ҳафта бо воқеаҳои ғайриоддиаш дар хотиратон то дер нақш мебандад. Имкони ба сафару саёҳат баромадан пайдо мешавад, вале ба хотири бехатарии шахсиятон ба роҳҳои дур рафтанро тавсия намедиҳем, хатари сар задани ҳар хел садамаҳои бо нақлиёт вобаста вуҷуд дорад.

Қавс
25.11 - 21.12

Дар ин ҳафта вохӯриҳои корӣ табъи дилатон сурат намегиранд, вале шумо бояд дар ҳама ҳолат корчаллон будани худро нишон дода тавонед. Ҷумъа рӯзи душвор аст, аз пайи манфиатҳои худ давида истода, ба ҷои бурд кардан бохти зиёд мекунед.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин ҳафта кӯшиши зери назорат гирифтани рафтори наздикон боиси душвор гаштани муносибататон бо яке аз аъзои оила мегардад. Барои корҳои сохтмон ва таъмир ҳафтаи мусоид нест.

Далв
21.01 - 19.02

Дар ин ҳафта вазъи молиявиатонро беҳтар сохта метавонед. Аз ин рӯ, қувваи бештари худро барои рафъ намудани мушкилиҳои дар ин самт пайдошуда равона созед. Агар вақти холӣ дошта бошед, метавонед даромади иловагӣ пайдо намоед, дар ин ҷода барор ҳамсафари шумо мегардад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Дар ин ҳафта корҳоеро ба дӯш гирифтанатон лозим меояд, ки қаблан аз онҳо гурезон будед. Рӯзи сешанбе асабонияти зиёд пайдо шуда, дар пешравии корҳоятон монеа пеш меорад. Беҳтар шудани вазъи молиявӣ хотиратонро шод мегардонад, вале аз робитаҳои шубҳанок худдорӣ намоед.

Лотерея

Донишҷӯ дар кашидани билет дудила шуда монд. Устод гуфт:

- Натарсида кашидан гир, имтиҳон ҳам чун лотерея аст.

Донишҷӯ гуфт:

- Набошад, ман билет нею якбора баҳо кашида гирам-чӣ?

Ман онам

Яке аз дигаре пурсид, ки:

- Арақ хуб аст ё коняк?

Дигарӣ гуфт:

- Ман онам, ки ҳукм бар ғайб накунам.

Аввалӣ гуфт:

- Ман онам, ки тине берун аз ҷайб накунам.

Худораҳматӣ

Пиразане аз набераш пурсид:

- Калон шавӣ, кӣ мешавӣ?

Набераш тӯтивор ҷавоб дод:

- Аввал апа мешавам, баъд арӯс мешавам, баъд модар мешавам, баъд момо мешавам.

Пиразан ба вачд омада, боз пурсид:

- Боз кӣ мешавӣ?

Набераш забон хоида, ҷавоб дод:

- Баъд... Баъд худораҳматӣ.

Меҳри шоир

Аз пурхӯре пурсиданд:

- Ба кадом шоир меҳр дорӣ?

Гуфт:

- Ба Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ.

- Ба хотири чӣ?

Гуфт:

- Ба хотири як байти ӯ. Ва он байтро бо шавқи тамом замзама кард:

Кӯҳ бувад наволаам,
баҳр бувад пиёлаам,
Ҳар ду ҷаҳон чу луқмаест
дар васати даҳони ман.

Мошинча

Зан дучон буд. Шавҳраш ҳазломез гуфт:

- Хайр, завҷаи муҳтарам, ин дафъа духтарча таваллуд мекардагистед?

Писарчаи сесолаашон, ки гуфтугӯи онҳоро гӯш мекард, ба модараш илтичо карда, гуфт:

- Модарҷон, ин дафъа мошинча таваллуд кунед.

Раҳматнома

Корманди тамаъкоре ба назди сардор даромада, гуфт:

- Хӯҷаин, имшаб хоб дидам, ки шумо ба ман раҳматнома ва мукофоти пулӣ додаед.

Сардор гуфт:

- Раҳматномаро нигаҳ дору пулро ба муассиса баргардон, ки алҳол мо ба он сахт эҳтиёҷ дорем.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд



Хуршед кранчик дорад

Набиҷон Юсуфӣ бахшида ба Рӯзи матбуот мо - як гурӯҳ рӯзноманигоронро ба зиёфат даъват кард. Дар зиёфат Марат Мамадшоев, Хуршеди Атовулло, Акрами Санг, Дилшоди Абулмачид, Мазҳаб Ҷумъа ва чанд нафари дигар ширкат доштанд. Агарчи дар тарабхона ба мо шароб нарехтанд, вале Хуршед ба назар ширакайф менамуд. Ман гуфтам:

- Ба ҳеҷ кас шароб нарехтанд-ку! Хуршед аз чӣ маст шуд?

Марат Мамадшоев хандида, гуфт:

- Хуршед дар банди дасташ кранчик дорад. Остинашро мебардорад, кранчик кушода мешавад, шароб худаш мерезад.

Бахудо ин зани дуюм нест...

(Аз нақли як мулло)

Марде бонуеро наздам оварда, гуфт:

- Муллоҷон, ман мехоҳам ин занро ба никоҳи худ дарорам. Лутфан моро бо ҳам никоҳ кунед.

- Мабодо,- гуфтам,- зани дуюм набошад, ки дар бало монем. Дузанагӣ манъ аст, медонӣ-а?

- Не, не. Ин зани дуюм нест, дилпурона никоҳ кардан гиред,- гуфт дар посух.

Барои он ки дурӯғ нагӯяд, гуфтам:

- Канӣ қасам хӯр.

- Бахудо зани дуюм нест, домулло,- гуфт.- Ин зани сеюм аст.

Нотарсида навис, вале...

Рӯзноманигоре аз ман пурсид:

- Устод, мехоҳам дар мавзӯи ҳасосе мақола нависам. Чӣ маслиҳат медиҳед?

Гуфтам:

- Ҳарчӣ мехоҳӣ, нотарсида навис. Вале вақте ягонҷо даъват кунанд, маро фарёд накун.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлӣ, 4 дар хона, 13.5 сот. замин, пос. Ҷангалак. Тел.: 91-992-53-35, 917-18-04-40

НИЁЗ ДОРЕМ

► Ба ронанда - экспедитор, менеҷер оид ба фурӯши нӯшокиҳо ниёз дорем. Тел.: 900-013-013, 008-08-50-03

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дипломи ДТО №0123811, рақами қайд №644, ба номи Ҳаётов Фурузон Ҷумъаевич, ки соли 2012 аз ҷониби Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Хоҷаева Шифо Ғалиматовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Маяковский 24, ҳ. 28, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи №7М-4 ба номи Ризвонова Мосафар, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Привокзалная, хонаи 2, ҳ. 10, ки санаи 8-уми январи соли 2013 аз ҷониби нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Гулов Лютфи, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Гулистон, маҳ. Мавлавӣ, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи 10 таҳти рақами БР №053975 ба номи Аталикова Маҳбубахон Халимовна, соли хониши 1984-1985, ки аз ҷониби МТМУ №96-и н. Сино (собиқ №64-и н. Рӯдакӣ) дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А03634871 ба номи Абидов Ҳасан Аттоевич, ки санаи 13.04.2021, аз ҷониби ШВКД-1-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А03829461 ба номи Раҳмонов Салоҳиддин Ҳафизович, ки соли 2021 аз ҷониби ШВКД-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10 №980716 ба номи Ашурова Ҷамила Раҷабовна (собиқ Саидова Ҷамила Раҷабовна), соли хатм 1982-1983, ки аз ҷониби МТМУ №46-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Бегназаров Эмомалӣ Амиралиевич, РЯМ: 3330060846, ки аз ҷониби нозироти андози н. Ҷ. Балхӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Муҳр ба номи ҶДММ "Чор Ҷавон", РМА: 010102303, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А02394526 ба номи Шарипов Ахлиддин Ҷамолиддинович, ки санаи 02.08.2019 аз ҷониби ШВКД-1-и н. Сино дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатӣ дараҷаи А №0047953 аз 10-уми марти соли 2017, ба номи Нарзикулова Мархабо Ишанкуловна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Шерозӣ, хонаи 30/2, ҳ. 19, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Аралов Аслиддин Шодилхонович, ки соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, ки ба шаҳрванд Сафаров Нейматуло Махмадулоевич бо суроғаи н. Шоҳмансур, х. Рӯдакӣ 30/1, ҳ. 13 аз санаи 6.06.2019 таҳти рақами 166 аз тарафи ҚДФ бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад ва Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки ба шаҳрванд Сафаров Нейматулло Махмадуллоевич, ки дар нотариуси Саридораи нотариалии давлатии н. Шоҳмансур аз санаи 02.11.2018 таҳти феҳрасти 1Ш.1197 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкории инфиродӣ Йулдошева Саодат Кодировна, РЯМ: 073022318 5, РМА:075401545, ки санаи 08.06.2022 аз ҷониби нозироти андози шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкории инфиродӣ Рахимов Муродулло Наимжонович, РЯМ: 0730084007, РМА: 075531028, ки санаи 25.07.2013 аз ҷониби нозироти андози шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкории инфиродӣ Орзуев Саъди Барзуевич, РЯМ: 0730129584, РМА: 075014800, ки санаи 08.02.2026 аз ҷониби нозироти андози шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва ИНН ҶДММ "Лола 2013", РМА: 040040302, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад. Тел.: 989-16-16-16, 909-49-89-86

► Дипломи ДМБ №0091221, рақами қайд 32886 ба номи Олимов Фирдавс Махмадалиевич, ки соли 2017 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Каримов Тохирджон Алимардонович, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, маҳаллаи Гулбутта 2, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Нусхаи дуюми (дубликати) шартномаи хариду фурӯши квартира, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Муҳаммад (собиқ Чехов), бинои 4, хонаи 44, ки дар Бойгонии нотариалии давлатии назди Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2003, таҳти феҳрасти №29Б-21 ба номи Раҳмонов Шамсидин Шарифович тасдиқ карда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Давлатализода Муҳаммадҷон Суҳроб, ки соли 2020 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба моликият таҳти феҳрасти 1ШМ-78, ки санаи 12.06.2006 аз ҷониби идораи нотариалии давлатии ноҳияи Нуробод ба номи Пирова Ҳангома Раҷабалиевна тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 8Ш-1213, ки санаи 17.03.2012 аз ҷониби идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои ш. Душанбе ба номи Давлатов Сорбон Абдусаломович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Яккачинор, хонаи 144/3, ҳ. 15 дода шудааст ва шиносномаи техникии хонаи зикргардида бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи моликият таҳти феҳрасти 5ҲМ-70, ки аз ҷониби Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Акрамов Алишер Асламович тасдиқ карда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, таҳти феҳрасти №8Д-6465, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе санаи 10-уми декабри соли 2007 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қазоқон, хонаи 25 ба Пирматова Латофат Эргашевна додааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ ба номи шаҳрванд Боймуратова Анорхол Абдулоевна, ки дар идораи нотариалии давлатии ш. Турсунзода аз санаи 11.12.2020 таҳти феҳрасти 1Ш.915 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Муҳаммадшои Мухтор, РЯМ: 0331362827, РМА: 195775275, ки аз ҷониби нозироти андози н. Фирдавсӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, рақами қайд ИҶ 1914, аз 31-уми декабри соли 2019, ВАГ №0024377, ташкилоти ҷамъиятии "Клуби варзишии кӯдаконаи велосипедронон", РМА: 020052918 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Соҳибкории инфиродӣ Ризоев Саидалиакбар Саидатоевич, РЯМ: 3330085303, РМА: 335709895 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо мудати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Турақул-Т", РЯМ: 3210003932, РМА: 330005323 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Лола 2013", №0264132, РЯМ: 0410020408, РМА: 040040302 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Ташкилоти ҷамъиятии "Занҳои маъюбони ноҳияи Турсунзода", РМА: 070012030, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд. Тел.: 935-33-33-54

► Кооперативи истеҳсолии "Шерназаров Махмадиёр", РЯМ: 3310006288, РМА: 330002136 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид
United Nations Development Programme

Программа Развития Организации Объединенных Наций (ПРООН) ведет свою деятельность в Таджикистане с 1994 года и представляет собой широкий спектр деятельности, в том числе по сокращению бедности, демократическому управлению, предупреждению кризиса, энергетики и окружающей среде, и снижению бремени ВИЧ/СПИД, ТБ и Малярии.

ПРООН в Таджикистане объявляет следующие вакансии для местных консультантов:

UNDP-TJK-00071- Local Consultant/Energy Engineer; Project: Green Energy Small Medium Enterprises (SMEs) Development; Duty Station: Khorog; Deadline for applications: 27 March 2023, 17:00.

Для получения информации и документации по вышеуказанным объявлениям, пожалуйста, посетите наш веб-сайт https://www.undp.org/tajikistan, раздел **Procurement**. В случае возникновения вопросов, касающихся объявления, пожалуйста пишите по указанному адресу электронной почты.

Контактные данные: Адрес: 734024, г. Душанбе, Таджикистан, ул. Айни 39
Тел: +992 (44) 6005596, 6005600; Эл.почта: procurement.tj@undp.org

БОРГОҲИ МАЪРИФАТ ДАР БОМИ ҶАҲҲОН

Комилбек Амид Ёрбек,
ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев таърихи беш аз се даҳсола дошта, дар омода намудани мутахассисони на танҳо Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, балки барои тамоми қаламрави Тоҷикистон нақши муассир дорад.

Меваи истиқлол

Дар таъсиси Донишгоҳи давлатии Хоруғ иқдом ва хизмати раиси онвақтаи Кумитаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ, доктори илмҳои таърих, шодравон Моёншо Назаршоев басо бузург аст. Бесабаб ҳам нест, ки баъдан ин донишгоҳ ба номи ин фарзанди барӯманд ва сарсупурдаи миллат гузошта шуд.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ дар даврони истиқлол чун маркази илмӣ-маърифатӣ неруҳои зеҳнӣ-илмиро муттаҳид намуда, ба ташаккули кадрҳои илмӣ-омӯзгорӣ ва пешрафти соҳаҳои дигари хоҷагии халқ мусоидат кард ва дар зарфи 30 соли фаъолият ба як маркази тавонои илмию таълимӣ ва тарбияи кадрҳои омӯзгорӣ табдил ёфт. Дар ин муддат донишгоҳро зиёда аз 19 ҳазор нафар бо ихтисосҳои гуногун хатм намуданд, ки аксарияти онҳо дар мактабҳои миёна, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ниҳодҳои қудратӣ, муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, созмонҳои дохили кишвар ва берун аз он фаъолият мекунанд. Имрӯз беш аз 350 нафар устодон, ки дар миёни онҳо докторони илм ва номзадҳои илм низ ҳастанд, ба донишҷӯёни донишгоҳ таълим медиҳанд.

Аз факултет то кафедраҳои донишгоҳ

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев дорои 9 факултет - “Математика ва физика”, “Биология”, “Забонҳои хориҷӣ”, “Илмҳои табиӣ”, “Таърих ва ҳуқуқ”, “Филология тоҷик”, “Иқтисод”, “Педагогӣ”, “Таҳсилоти фосилавӣ” буда, дар шуъбаи рӯзона аз рӯи 58 ихтисос - 27 ихтисоси омӯзгорӣ ва 31 ихтисоси соҳавӣ кадрҳо омода мешаванд. Инчунин, аз рӯйи 16 ихтисоси магистр ва 8 доктори PhD кадрҳо омода карда мешаванд. Муҳассилин дар кафедраҳои “Таҳлили математикӣ”, “Таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсионалӣ”, “Тарбияи чисмонӣ”, “Забонҳои шарқ”, “Забони тоҷикӣ”, “Адабиёт ва журналистика”, “Биоэкология ва туризм”, “Биологияи умумӣ”, “Фанҳои табиии илмӣ”, “Назарияи иқтисод”, “Менеҷмент ва маркетинг”, “Таърих ва диншиносӣ”, “Таърихи халқи тоҷик”, “Забонҳои хориҷӣ”, “Филологияи англис”, “Забон ва адабиёти рус”, “Фалсафа ва сиёсатшиносӣ”, “Педагогика ва равоншиносӣ”, “Методикаи таълими ибтидоӣ”, “Фанҳои муҳандисӣ” ҳамтарафа ба таълим фаро гирифта шудаанд.

Аз хобгоҳ барои донишҷӯён то дарсҳои амалӣ

Фаъолияти таълимӣ дар донишгоҳ дар асоси барномаҳо ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳо, ки дар асоси Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ тартиб дода шуда, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд, амалӣ карда мешавад. Дар донишгоҳ низоми таълими кредитӣ пурра амалӣ гардида, бо мақсади пайвасти донишҳои назариявӣ бо амалия ва истеҳсолот, азхудкунии дарсҳои амалӣ ва таҷрибавӣ ин муассисаи олӣ бо корхонаю ташкилоти вилоятӣ робитаи мустаҳкам барқарор намудааст. Дар пойгоҳи лабораторияи хоҷагии оби вилоят, ширкати «Помирэнерҷӣ», Пажуҳишгоҳи биологии Помир, Боғи ботаникии Помир, беморхонаи вилоятӣ, идораи стандартизатсияи давлатӣ, ширкати «Ҷамаст», экспедитсияи геологии «Помир» ва дигар муассисаҳои шаҳру вилоят таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ гузаронида мешавад. Низоми омӯзиш, шаклу усулҳои таълим дар донишгоҳ бо талаботи давраи бозорогонӣ мунтазам такмил ёфта, утоқҳо бо таҷҳизоту техникаи навтарин муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

Донишгоҳ дорои ду хобгоҳ буда, барои беш аз 650 донишҷӯ пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, раёсати донишгоҳ пайваста ба қишри ниёзманди аҳолӣ, аз ҷумла ятимону бепарасторон кумаки молӣ намуда, онҳоро бо хобгоҳ таъмин менамояд. Инчунин, аз тарафи раёсати донишгоҳ донишҷӯёни беҳтарин, ки дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат карда, ҷойҳои намоёнро ишғол менамоянд, бо мукофотпулӣ ва ифтихорномаҳо қадрдонӣ мегарданд.

Дар маҷмуъ, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев дорои нерӯи пурқуввати кадрӣ ва пойгоҳи хуби моддӣ - техникӣ буда, довталабоне, ки ин муассисаи олиро барои идомаи таҳсил интихоб мекунанд, хато нахоҳанд кард. Зеро рисолати донишгоҳ омода намудани мутахассисони соҳибкасб, таъмини сифати баланди таҳсилот, мубодилаи донишҷӯён бо муассисаҳои олии дохил ва хориҷи кишвар, таъмини фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ, татбиқи донишҳои азхуднамуда дар истеҳсолот, таҳсил бо истифода аз технологияҳои муосир ва ғайра мебошад.

Довталабони азиз, бо шомил шудан ба Донишгоҳи давлатии Хоруғ шумо бо сарзамини афсонавии “Боми Ҷаҳон” ва мардуми сарбаланди он шинос хоҳед шуд.

СУРОҒАИ МО

ш. Хоруғ, к. Ш.
Шоҳтемур 109

ТЕЛЕФОН:
8352224579
8352222248

E-MAIL:
ksu.khorog@mail.ru

ВЕБСАЙТ:
www.khogu.tj

— МАРҲАБО, БА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ БА НОМИ МОЁНШО НАЗАРШОЕВ! —

Тақвими моҳи шарифи Рамазон 2023

Рӯз	Ҳафта	Сана	Субҳи содиқ	Тулӯи офтоб	Шом
1	Панҷшанбе	23.03.2023	4: 55	6: 24	18: 46
2	Ҷумъа	24.03.2023	4: 53	6: 23	18: 47
3	Шанбе	25.03.2023	4: 52	6: 21	18: 48
4	Якшанбе	26.03.2023	4: 51	6: 20	18: 50
5	Душанбе	27.03.2023	4: 49	6: 18	18: 51
6	Сешанбе	28.03.2023	4: 47	6: 17	18: 52
7	Чоршанбе	29.03.2023	4: 45	6: 15	18: 53
8	Панҷшанбе	30.03.2023	4: 43	6: 13	18: 54
9	Ҷумъа	31.03.2023	4: 41	6: 11	18: 55
10	Шанбе	01.04.2023	4: 40	6: 09	18: 56
11	Якшанбе	02.04.2023	4: 38	6: 08	18: 57
12	Душанбе	03.04.2023	4: 37	6: 06	18: 58
13	Сешанбе	04.04.2023	4: 35	6: 05	18: 59
14	Чоршанбе	05.04.2023	4: 33	6: 03	19: 00
15	Панҷшанбе	06.04.2023	4: 31	6: 02	19: 01
16	Ҷумъа	07.04.2023	4: 29	6: 01	19: 02
17	Шанбе	08.04.2023	4: 27	6: 00	19: 03
18	Якшанбе	09.04.2023	4: 25	5: 58	19: 04
19	Душанбе	10.04.2023	4: 24	5: 57	19: 05
20	Сешанбе	11.04.2023	4: 23	5: 55	19: 06
21	Чоршанбе	12.04.2023	4: 21	5: 54	19: 07
22	Панҷшанбе	13.04.2023	4: 20	5: 52	19: 08
23	Ҷумъа	14.04.2023	4: 18	5: 51	19: 09
24	Шанбе	15.04.2023	4: 16	5: 50	19: 10
25	Якшанбе	16.04.2023	4: 14	5: 48	19: 11
26	Душанбе	17.04.2023	4: 13	5: 47	19: 12
27	Сешанбе	18.04.2023	4: 11	5: 45	19: 13
28	Чоршанбе	19.04.2023	4: 09	5: 44	19: 14
29	Панҷшанбе	20.04.2023	4: 07	5: 42	19: 15
30	Ҷумъа	21.04.2023	4: 06	5: 41	19: 16

НИЯТИ РӮЗА

АРАБӢ:

Ва лисавми ғаддин мин шаҳри рамазоналлази фаризатан навайту.

ТОҶИКӢ:

Ният кардам рӯзаи моҳи шарифи Рамазон аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб.

ДУОИ ИФТОР

АРАБӢ:

Аллоҳума лака сумту ва бика оманту ва алайка таваккалту ва ало ризқиқа афтарту.

ТОҶИКӢ:

Парвардигоро! Барои ризогии ту рӯза доштам ва ба ту имон овардам ва ба ту такя дорам ва ба ризқи додаи ту ифтор кардам.

ТАСБЕҲИ ТАРОВЕҲ

Субҳона зилмулки валмалакут, субҳона зил ъизати вал азамати вал қудрати вал кибриёи вал ҷабарут. Субҳонал маликил ҳаййиллази ло яъному ва ло ямут. Суббуҳун қудусун раббуно ва раббул малоикати варруҳ. Ло илоҳа иллаллоҳу настағфируллоҳ, нас-ъалукал ҷаната ва наузу бика минан нор.

РАЁСАТИ ШӮРОИ УЛАМОИ МАРКАЗИ ИСЛОМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҚАРОР КАРД:

Мувофиқи ҳисоби шаръӣ нисоби закот 32300 сомонӣ муқаррар шуд, ки аз он 800 сомонӣ закот пардохта мешавад. Садақаи фитр мувофиқи меъёри шаръӣ 7 сомонӣ муқаррар шуд. Фидяи савм барои соҳибони узри шаръӣ (шайхи фонӣ) ё бемороне, ки умеди беҳбудӣ надоранд, ба миқдори 420 сомонӣ барои 30 рӯз (14 сомонӣ барои ҳар рӯз) муайян карда шуд.